ДУ НИГОҲ АЗ ЯК НАМОИШ БО ҚАДАМИ ҚУРБОН с.7
ЎЗБЕКИСТОН БО ФАЛАСТИН АСТ с.3
КЎЛОБ КАЙ САНОАТӢ МЕШАВАД? с.6

ТОҶИКИСТОН

№44 (1555)
01.11.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~



АЗ СССР-ПАРАСТӢ ТО МАНҚУРТӢ

ДАР СУҲБАТИ БАРЗУ АБДУРАЗЗОҚОВ



ДАР ИН ШУМОРА:

ДУШАНБЕ
Ифтитоҳи 7 корхонаи саноатӣ бо 4000 ҷойи корӣ с.5

БАДАХШОН
Нигаронии аз сӯзишвории бесифат с.9

70 000 СОМОНӢ
Барандаи Шоҳҷоизаи “Илм – фурӯғи маърифат” кист? с.9

РОНАЛДУИ ТОҶИК
Умеди клуби “Динамо”-и Москва аз Муҳаммад с. 6

ПУЛИ СОМОНӢ
23-соли босамар с. 4

ҶИНБАРОРӢ Ё БАДРАФТОРӢ
Бездошти “мулло” бо гумони бадахлоқӣ с. 11

ВАРЗИШ
Ҳаштумин “Тӯби тилоӣ”-и Лионел Мессӣ с. 10

КАНЗИ ШИФО
Камхунӣ ва ду роҳи халосӣ аз он с. 12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

НИГАРОНӢ АЗ НАРХИ ГАРОНУ СИФАТИ СӮЗИШВОРӢ ДАР БАДАХШОН

Мақомоти ВМКБ талош доранд, ки пеши роҳи гароншавии роҳкиро ва ворид кардану ба савдо гузоштани маҳсулоти сӯзишворӣ ва дорувории пастсифатро гиранд.

Ин масъала зимни ҷаласаи 30-юми октябр, бо ҳузури муовини раис ва масъулини дахлдори ҳукумати ВМКБ баррасӣ шудааст.

Бино ба иттилои расмӣ, муовини раиси вилоят Анвар Иматшозода аз нархи дорувориву сӯзишворӣ ва сифати онҳо интиқод кардааст.

Анвар Иматшозода дар робита ба шикояти баъзе ронандагон аз сифати маҳсулоти сӯзишворӣ, махсусан бензин изҳори нигаронӣ карда, гуфтааст, ки бензини ба ҳудуди вилоят воридмешуда санҷида шавад. Пас аз дастрас кардани хулосаи ташхис, иқдоми баъдӣ маълум хоҳад шуд.

Ёдовар мешавем, ки ба ВМКБ асосан аз Душанбе маводи сӯхт интиқол мешавад ва бо назардошти дурии роҳ нархи он дар бештари ҳолат аз дигар манотиқи кишвар гаронтар аст. Дар ҷаласаи ҳукумати вилоят гаронии нархи бензин ва кӯшиши баланд бардоштани роҳкиро низ баррасӣ гардидааст.

«ФАЙЗИ БАРАКАТ» БА ЧИН РАВҒАН СОДИРОТ МЕКУНАД

Директори ҶДММ «Файзи баракат» Давлаталӣ Ҷӯрабеков ва роҳбари ширкати чинии «Синзян Мадина Интернешнл Логистик груп Ко лимитед» Кунугули Махачи барои содироти равғани корхона ба Чин ба маблағи 5 миллион доллар созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расониданд.

Бино ба иттилои расида, ин корхона аз ҷониби соҳибкор Файзалӣ Ҳоҷиев дар масоҳати 1 гектар бунёд шуда, дар як шабонарӯз 70 тонна ва дар як моҳ 2100 тонна навъҳои гуногуни равғани босифат истеҳсол менамояд. Корхона аз ҳисоби даромади софи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Файзи Сомон» бунёд гардида, иқтидори солонаи он истеҳсоли 25 ҳазор тонна равғанро ташкил медиҳад. Дар он аз пахта, маъсар, лӯбиё ва офтобпараст равған истеҳсол ва дар зарфҳои гуногуни пластикӣ ҷой карда мешавад. Маҳсулоти тавлидшуда аз лиҳози сифат ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад.

РОҲҲОИ КУҲИИ ТОҶИКИСТОН АМНТАР МЕШАВАНД

Дар Душанбе маросими имзои созишнома байни Тоҷикистон ва Кувайт дар чаҳорчӯби лоиҳаи "Беҳбуди масирҳои иртибототи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ (БРАМОМ-4)" баргузор шуд.

Ҳадаф аз он таъмини бехатарии роҳҳо аст. Дар доираи лоиҳа омӯзиши роҳҳои автомобилгард дар масири Душанбе - Ваҳдат - Кӯлоб - Хоруғ - гузаргоҳи Кулма (минтақаҳои махсусан хатарноки куҳии Ваҳдат - Данғара) гузаронида шудааст.

Лоиҳа роҳҳои Душанбе - Хуҷанд, Айнӣ - Панҷакентро, ки минтақаи хатарнок доранд, маълум нест, ки фаро мегиранд ё не.



УМАР КРЕМЛЁВ 12 КИЛОМЕТР РОҲИ ШАҲРИНАВРО АЗНАВСОЗӢ КАРД

Умар Кремлёв, соҳибкори тоҷик ва Президенти Ассотсиатсияи байналмилалии бокс (IBA) 12 километр роҳи дохили Шаҳринавро азнавсозӣ кард.

Дар маросими ифтитоҳи роҳи мазкур Президенти Ассотсиатсияи байналмилалии бокс (IBA) Умар Кремлёв ва дигар шахсони расмӣ иштирок намуданд.

Умар Кремлёв зодаву тарбиятёфтаи ноҳияи Шаҳринав мебошад. Ҳоло бо дастгирии ӯ як муассисаи таълимии томактабӣ сохта ба истифода дода мешавад, ки корҳои бунёдии он аллакай оғоз гардидааст.

Умар Кремлёв дар баробари таҷдиду азнавсозии роҳҳои маҳаллии ноҳия тасмим дорад, ки дар оянда муассисаи таълимии томактабии №2-ро пурра азнавсозӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-ро пурра таҷдид, фабрикаи парандапарварии ноҳияро барқарор намояд.

Умар Кремлёв яке аз чеҳраҳои пурнуфуз дар доираҳои тиҷоративу корӣ ва ҳатто маъмурии сатҳи баланди Русия дониста мешавад. Ӯро яке аз тоҷирони пурнуфузи Русия низ медонанд.


САРИ САБЗ



Ҷамшед КАМОЛЗОДА, корманди Кумитаи ҳолатҳои фавқулода

- Аз соли 2019 инҷониб дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илм ва бо дастгирии шарикони рушд дар ҳама муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ чорабинӣ бо номи «Shake Out» оид ба омодагӣ ба заминҷунбиҳо гузаронида мешавад.

- Сад офарин, ки ҳамин хел чорабиниҳои ҷолибу зарурироро мегузаронед! Аммо, агар як талоши дигар кардаву чорабинии «Flood Out» мегузаронидед, ба селҳо низ омодагӣ медидем.



Аниса МАНОНОВА, муаллифи эҷодкориҳои назмӣ

- Шарҳи ҳоли ман гули садбарги сафедро мемонад, ки тирамоҳро баҳор гумон кардаву ба ин фасл ошиқ шудааст ва дар зимистон тани танҳо бо лашкари сармо мубориза бурдааст. Умед бастааст, ки рӯзе баҳор аз роҳ мерасад ва бо ҳуд хуршедро меорад.

- Баҳ-баҳ, аҷаб ошиқонаву шоирона сухан гуфтед. Агар назматон низ мисли насратон ҳамин гуна ширину гуворо бошад, дар зимистон ҳам сардиро эҳсос намекунед.



Камол НАСРУЛЛО, Шоири халқии Тоҷикистон

- Имрӯз шеър гуфтан душвор аст. Дар замони ҷавонии мо шеър подошҳо дошт. Имрӯз ман гумон мекунам, ки дар майдони шеър танҳо онҳое мондаанд, ки бе шеър зиста наметавонанд. Танҳо онҳое мондаанд, ки ҳамин роҳро интихоб кардаанд.

- Боз коре накунед, ки баъди ин нутқатон онҳо ҳам дигар роҳро интихоб кунанд!? Ё беҳтар аст, ки дар дигар самт фаъолият намоянду вақтҳои фориғ аз кор шеър гӯянд?

Бо режиссёр Барзу Абдураззоқов, ки солҳои охир дар хориҷи кишвар кору фаъолият мекунад, дар хона-музейи падараш Ҳабибулло Абдураззоқов, ки чанд рӯз пеш ифтитоҳ шуд, суҳбат оростем, ки фишурдаи он манзури шумо мешавад.

Суҳбати видеоиро бо Барзу Абдураззоқов дар YouTube канали Pressa.tj тамошо кунед.



АЗ СССР-ПАРАСТӢ ТО МАНҚУРТӢ

дар суҳбат бо режиссёр Барзу Абдураззоқов

Осорхонаи Ҳабибулло Абдураззоқов

-Фикри бунёди Хона-музейи Ҳабибулло Абдураззоқов аз кучо пайдо шуд?

-Ин идея аз апаи Шарофат аст (Шарофат Рашидова – ҳамсари Ҳабибулло Абдураззоқов – О.Н.). Он кас метавонистанд, мероси падарро байни фарзандон тақсим кунанд, вале гуфтанд, ки бигзор он пароканда нашавад ва ба фарзандону набераҳо ва дӯстони падар, чун ёдгорӣ бошад. Ин идея ба ҳама писанд омад. Лоиҳаи хона аз бародарам Шаҳбол ва писарам Беҳрӯз аст. Корҳои сохтмониро низ онҳо анҷом доданд.

-Тавре мушоҳида кардам, дар ин хона камтар осори ҳунари актёрӣ ва режиссёрии Ҳабибулло Абдураззоқов аст. Бештар коллексияи ороишоти нуқрагиву заргарӣ, ҳунарҳои мардумӣ, либосҳои миллӣ ва ғайра дар ин ҷо ба номиш гузошта шудааст.

-Ин аз се як ҳиссаи коллексияе аст, ки падарам бо апаи Шарофат ҷамъоварӣ кардаанд. Барои мисол аз либосҳои қадимӣ, аз фаранҷиҳо, ҳоло беш аз 20 то, аз сӯзаниҳо қариб 300 то ва миқдори зиёди ороишоти нақрагӣ, кӯзаҳо ва дигар ашёҳо боқӣ мондааст, ки агар ҳамаро ба намоиш гузоранд чанд баробари ин хона мешавад. Падарам инро коллексия намегуфтанд. Мегуфтанд, ин осорест, ки ман аз хориҷа рафтан нақот додам. Зеро эшон гумон мекарданд, ки агар ин чизҳо аз ватан берун равад, кишвари мо чизеро бой медиҳад...

-Ин коллексияро аз кадом сол падаратон ҷамъоварӣ мекарданд?

-Дақиқан намедонам. Зеро дар ин ҷо чанд ороишоти нуқрагӣ аз бибиам ва аз аммаи падарам низ ҳаст. Бубинед, падарам патриоти ҳақиқӣ буданд. Ватанашонро бисёр дӯст медоштанд. Ҳеҷ гоҳ иҷоза намедоданд, ки дар ҳузурашон касе Тоҷикистонро танқид кунад. Ин коллексия низ аз меҳри зиёд ба Ватан ҷамъоварӣ шудааст. Дадам инҳоро барои фурӯхтан ҷамъ накарда буданд. Тавре гуфтам, мехостанд, ин мероси гузаштагонро аз нестӣ нақот бидиҳанд.

Баҳои падар

-Шумо кай дарк кардед ки падари машҳур доред?

-Вақте аз Шаҳрнав ба мактаби №53-и шаҳр омадам, хониши хуб надоштам. Маро сарзаниш мекарданд, ки наход писари фалон одам баҳои 2 бигирад ва ҳатто мегуфтанд, ки ҳайфи насабе, ки дорӣ. Аз он давра дарк карда будам, ки падари ман одами машҳур аст. Вале ин барои ман бисёр аҳамият надошт. Ман мехостам, ки дар кор бубинам, ки падарам чӣ гуна актёр ҳастанд. Соли 1992 дар Театри Камоли Хуҷандӣ намоиши "Шапарак хоб дид"-ро ба саҳна гузоштанӣ шудам ва барои иҷрои нақши Талгатбек падарамро даъват кардам. Он кас розӣ шуданд. Ҳамин тавр, худораҳматӣ Муҳаббат Сатторова, Қурбони Собир, ман ва падарам озими Хуҷанд шудем ва бо актёрони театри Хоҷа Камол ба тамрини намоиш оғоз кардем. Ман ҳоло таърифи падарамро намекунам, ҳамчун режиссёр дар бораи актёр ҳарф мезанам. Нигоҳи эшон ба касб, кор кардан бо нақш, муносибат бо актёроне, ки то 50 сол аз эшон хурд буданд, интизоми корӣ... ҳамаро мушоҳида мекардам. Эшон беш аз ҳама кор мекарданд. Нақшашон ҳам ҷиҳати эҳсосот ва ҳам аз нигоҳи ҳаракат бисёр душвор буд, вале бо вучуди ин ҳам ба ҳама кӯмак мекарданд. Ин қадар падарамро давонидам, ин қадар танқид кардам... вале Ҳабибулло Абдураззоқов як бор нагуфт, ки а бача ту чӣ кор мекунӣ, ҷавонҳо дар бораи ман чӣ фикр мекунанд. Бо ин намоиш мо ба Аврупо рафтем. Дар Олмону Фаронса муйсафеди падар баробари мо бор мекашонид. Агар дар замин хоб равем, бо мо мехобид. Намегуфт, ки бубахшед, ман ҳунамранди мардумии Тоҷикистонам ва синнам аз 70 гузаштааст... Ин таҷриба нишон дод, ки падари ман актёри хеле хуб аст. Инро ҳамон сол ман барои худам имзо кардам.

-Режиссёрҳо шеваи мухталифи кор доранд. Бештарашон зиёд асабӣ мешаванд ва барои ба мақсад ноил шудан актёрро азоб медиҳанд. Шумо ҳам ба падар ва ҳам бо модаратон дар саҳна кор кардед. Чӣ гуна тавозунро нигоҳ медоштед?

-То шуруъи кор падар падар асту модар модар. Баъд аз оғози кор ҳама баробар аст. Илова ба падару модарам ман то тағоям Исфандиёр низ зиёд кор кардаам. Ман бо ҳама муносибати баробар дорам. Модарам аст, гуфта таспи корро паст намекунам. Ин монанди киштии Одисея аст, ки ба он ки савор шавӣ, баробри ҳама бел мезанӣ. Фарқ надорад, ки чандсолай, чӣ унвону мукофот дорӣ. Кор ки тамом шуд, баъд муносибати оилавӣ, меҳрубонӣ...

-Падару модаратон устодони соҳибтаҷрибаи саҳна буданд. Онҳо ба корҳои шумо чи баҳо медоданд?

-Модар модар аст. Ӯ нокомии маро ҳам олӣ мегуфт. Худам медонистам, ки муваффақ нашудам, вале ӯ тавсиф мекард. Вале падарам сахтгир буд. Аз ӯ баҳои 3 гирифтане баробари ҷоизаи Нобелӣ буд.

"Намеоӣ!?"

-Солҳои охири умрашон бо падаратон чанд маротиба вохӯриву суҳбат доштам. Эшон аз он нигаронӣ мекарданд, ки шумо солҳои охир дар Тоҷикистон фаъолият намекунед...

-Бале. Ҳамавақт мегуфтанд, ки Барзучон, ҷойи ту Тоҷикистон аст. Аммо падарам тарафи дигари масъаларо намехостанд бубинанд, ё дарк намекарданд ё бовар намекарданд, ки ман ин ҷо имкони кор кардан надорам. Парер рӯз аз як кас гуфт, ки гӯё вазири фарҳанг гуфтааст, ки Барзу ояду ҳар ҷо ки хоҳад кор кунад. Вале Барзу биёяд нест. Бояд Барзуро даъват кунанд. Ва кор пешниҳод намоянд. Моҳи апрел ман дар як мамлакат спектакл мемонам. Кор аз моҳи август оғоз шуд. Ҳар рӯз мо дар алоқа ҳастем. Бо рассом, бастакор ва актёрон маслиҳату машварат мекунем... Ин кор аст. Инҳо маро дар кӯча мебинанду мегӯянд, "Намебиёӣ?!". Ҳар вақт мегӯянд, ки мо гуфтем, ки Барзу намеояд ин ҳамон "Намебиёӣ?!" аст. Ин "Намебиёӣ?!" кай, соати чанд, бо кадом мақсад, надорад. Баҳонаи дигар он аст, ки мо ӯро намеёбем. Маро аз Полша меёбанд, аз Австралия меёбанд, аз Прибалтика меёбанду аз кӯчаи Рӯдакӣ не... Падарам инро қабул намекард. Мегуфт, биё! Ман пеши кӣ оям? Чӣ гуфта оям? Ман ҳатто вазирҳоро намешиносам.

-Шояд ба хотири он ки шумо худатон ба соҳаи фарҳанги тоҷикистон таваҷҷуҳ надоред?

-Таваҷҷуҳ надорам, ба он сабаб, ки ман дар ин ҷо нестам. Барои он ки ҳамкорӣ надорам. Инҳо ба ман кор надоранд, ман ба инҳо. Чаро ба театрҳои Ӯзбекистон таваҷҷуҳ дорам, ба театрҳо Қазоқистон таваҷҷуҳ дорам? Чун ки онҳо ба ман таваҷҷуҳ доранд, аз ҳолу аҳволам хабар мегиранд. Суҳбатҳо мекунам, мастре-классҳо мегузаронем, нақшаҳо мекашем, асарҳоро ба саҳна мегузорем... Ин ҷо ба ман касе кор надорад. Барои мисол ман Театри Лоҳутӣ меравам, ассалом мегӯям. Мегӯянд, чӣ мехоҳед? Мегӯям, ҳамин хел омадам. Омада бошӣ, тамошо куну баро рав, мегӯяд. Маро шояд аз даромадгоҳи театри ҷавонон роҳ надиҳанд. Ё ба Вазорат чӣ гуфта равам? Салом ба ман кор диҳед...

-Шояд ба хотири он ба шумо маросиат намекунанд, ки театрҳои мо имкони молии даъват кардани шуморо надоранд?

-Гап дар хоҳиш аст. Барои мисол театри Х маро ҷеғ зада гӯяд, ки ҳамин қадар маблағ дорем, шумо дар саҳнаи мо спектакл монед. Ба фикри шумо ман розӣ намешавам? Шумо бовар доред, ки ман шароити кишварамро дониста, не ба ба ман 100 ҳазор доллар диҳед мегӯям? Не!

(Давомаш дар саҳ.8)

ЎЗБЕКИСТОН БО ФАЛАСТИН АСТ

Шавкат Мирзиёев, Президенти Ӯзбекистон зимни як ҷаласаи ҳукумат гуфт, қарореро имзо кардааст, ки тибқи он, кишвараш тавассути Оҷонси Шарқи Наздики СММ ба сокинони Навори Ғазза 1,5 миллион доллар кумак мекунад.

Дар ин бора хабаргузории Kun.uz иттилоъ медиҳад.

Ба навиштаи ин расона, Шавкат Мирзиёев ҳамчунин гуфтааст, ки "ҳамроҳи мардуми Фаластин аст".



БОЛИВИЯ АЗ ИСРОИЛ РӮЙ ТОФТ

Боливия робитаҳои дипломатиро бо Исроил бас кард ва далелашро ҳамлаҳои Телавив ба Навори Ғазза номид.

"Мо талаб мекунем, ки ҳамлаҳо ба навори Ғазза, ки аллакай боис ба марги ҳазорҳо ғайринизомӣ ва фирори иҷбории фаластиниён гашт, хотима ёбанд",- гуфтанд дар маъмурияти президенти Боливия Луис Арсе.

Муовини вазири корҳои хориҷии Боливия гуфт, ки кишвараш "ҳамлаи таҷовузкоронаи низомии Исроил ба навори Ғазза ва таҳдидҳои он ба сулҳу амнияти байналмилалӣ"-ро маҳкум мекунад.

Боливия соли 2009 низ ба далели ҳамла ба Ғазза муносибатҳои дипломатиро бо Исроил қатъ карда буд. Робитаҳои ду кишвар танҳо соли 2020 барқарор шуданд.

Таъкид:

Гуфтан бамаврид аст, ки миёни Исроил ва Ҳамос 7-уми октябр даргирӣ оғоз ёфт. Низоъ пас аз ҳамлаи гурӯҳи Ҳамос ба Исроил ва куштани 1400 нафар ва ба асорат гирифтани беш аз 200 каси дигар сар шуд.

Дар пайи ин Исроил эълони ҷанг кард ва Навори Ғазза, макони гурӯҳи Ҳамосро муҳосира ва мушакборон намуд. Инак бо гузашти се ҳафта аз оғози низоъ беш аз 8000 фаластинӣ, аз ҷумла наздики 3 ҳазор кӯдак кушта шуданд.

23 СОЛИ БОСАМАРИ ПУЛИ МИЛЛӢ - СОМОНӢ

Имрӯз фурсате расидааст, ки ба қадри яке аз рамзҳои давлатдорӣ — пули миллӣ бирасем, ифтихор намоем ва ба он эҳтиром гузорем.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН



30-юми октябри соли 2023 аз рӯзи ба муомилот баромадани пули миллӣ - сомонӣ бисту се сол сипарӣ гардид ва ин яке аз рӯйдодҳои бузургтарини таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

26-уми октябри соли 2000-ум бо мақсади такмили минбаъдаи низоми пулӣ ва дар ин замина баланд бардоштани устувории пули миллӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба муомилот баровардани пули миллии «сомонӣ» ба имзо расид. Тибқи фармони мазкур аз 30-юми октябри соли 2000-ум сомонӣ воҳиди пули Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид ва он ҳамчун воситаи ягона ва номаҳдуди пардохт дар тамоми қаламрави кишвар ҳисобида шуд.

Сипас, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2000-ум Бонки миллии Тоҷикистон амали пурра ва пурсамари низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи пули миллиро ҳамчун воситаи ягона ва номаҳдуди пардохт дар тамоми қаламрави мамлакат таъмин намуд, сиёсати пулию қарзиеро, ки устувории пули миллӣ ва қобилияти харидории онро таъмин месозад, дар амал татбиқ кард ва тадбирҳоеро андешид, ки барои дар дохил ва хориҷи кишвар қобили мубодилаи пурраи асъорӣ будани сомонӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шуд.

Баъди зиёда аз 10 моҳи дар муомилот арзи ҳастӣ намудани сомонию дирамҳои коғазӣ, 3-юми сентябри соли 2001 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили сохтори низоми пули кишвар ба муомилот тангаҳои филизии арзишашон 1, 3, 5 сомонӣ ва 5, 10, 20, 25 ва 50 дирам бароварда шуданд, ки онҳо бо пулҳои коғазии ҳамарзиш баробар гардиш мекунанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ гаштаю баргашта шаҳодат медиҳанд, ки тоҷикон чун яке аз миллатҳои куҳани сайёраи мо таърихи хеле тӯлонии муомилоти пулӣ доранд. Тавре аз навиштаҳои муаррихон бармеояд, муомилоти пулӣ дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз асри V пеш аз милод, яъне аз даврони ҳукмронии империяи ориёии Ҳахоманишиҳо, ки Осиёи Марказӣ чун як ҷузъи таркибии он ба шумор мерафт, ибтидо мегирад.

Осори таърихии олимони он давра аз он шаҳодат медиҳад, ки марҳилаи рушду такомули сикказанӣ ва муомилоти пулию молӣ ба даврони аввалин давлати мутамаркази тоҷикон - Сомониён (875-999) рост меояд. Дар он давра дар сарзамини ин давлати машҳуру тараққикарда, ки номаш вирди забони оламиён буд, қариб 30 маркази сикказанӣ вуҷуд дошт. Тавре ҳамагон шоҳид шудем, баъди ҳазор сол Ҷумҳурии Тоҷикистон боз соҳиби пули миллии худ гардид.

Ба муомилот ворид гаштани пули миллӣ дар таъмин ва таҳкими истиқлоли мамлакат нақши муҳим бозида, ба ташкили низоми пулӣ, татбиқи вокеии барномаи ислоҳоти иқтисодӣ, ки принсипҳои асосии онро Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар оғози дигаргунсозиҳои иқтисоди бозорӣ муайян карда буданд, замина гузошт.

Фазои худии пулӣ ва пардохтӣ, ташкили низоми бонкии дусатҳа барои муътадилгардонии макроиқтисодӣ, ки дар он ба сиёсати монетарии Бонки миллӣ нақши асосӣ ҷудо карда шуда буд, шароити зарурӣ фароҳам овард.

Баробари ба муомилот ворид шудани сомонӣ, ки шаҳодати оғози рушду нумӯи иқтисодиёт ва дигаргуниҳои мусбати ҳаёти ҷомеаи ҷумҳурӣ ба шумор мерафт, дар назди низоми бонкии мамлакат вазифаҳои наву масъулиятнок гузошта шуда буд. Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакати мо дар маҷмуъ ба низоми умумиҷаҳонии бонкӣ шомил гардид. Моро зарур буд, ки ҳамеша кӯшиш ба харҷ диҳем, то аксари падидаҳои низоми бонкии дунёро дар таҷрибаи хеш ҷорӣ намоем ва тавонем мисли онҳо ҳамқадами ҳаёт бошем. Баъди ба меъёрҳои байналмилалии ҳисобдорӣ гузаштани низоми бонкдории Тоҷикистон имконият фароҳам омад, ки ҳамкорӣ бо низоми бонкии ҷаҳонӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад.

Фаромӯш набояд кард, ки сомонӣ на танҳо воситаи молиявӣ, балки яке аз рамзҳои муҳим ва асосии давлатдорӣ мебошад. Боиси ифтихори ҳамагон аст, ки пули миллӣ - сомонӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ соҳиби обрӯю эҳтиром аст ва рамзи арзандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад.

Имрӯз сомонӣ барои инкишофи муътадили тамоми соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамчун воситаи боэътимоди молиявӣ хизмат мекунад.

Сиёсати пулию қарзии Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мешавад, маҳз ноил шудан ба сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ва нигоҳ доштани он дар давраи дарозмуҳлат, пешгирӣ намудани афзоиши таваррум ва таъмини устувории қурби пули миллӣ, қобилияти харидории он равона карда шудааст. Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои вазифаҳои номбурда пайваста тадбирҳои мушаххаси амалӣ меандешад. Имрӯз тамоми созмонҳои сиёсию иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун шарики боэътимод эътироф доранд ва ҳамкориҳои судманду ҳамаҷонибаро бо он густариш медиҳанд.

Дар давраи баъди ба муомилот баромадани сомонӣ дар иқтисодиёти давлати тозабунёди мо тағйироти куллӣ ба амал омад. Суръати миёнаи рушди иқтисодиёт дар як сол беш аз 8 фоизро ташкил намуд. Сатҳи таваррум аз 60,1 фоизи дар соли 2000 ба 3,9 фоиз дар 9 моҳи соли 2023 расонида шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар таҷрибаи кофӣ дорад ва ҳамкориҳоро бо чунин созмонҳои бузургтарини молиявӣ, аз қабили Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Хазинаи Байналхалқии Асъор, Бонки Исломии Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Корпоратсияи байналмилалии Молиявии Хазинаҳои мамолики араб ва бо як қатори бонкҳои азими мамлакатҳои хориҷӣ муносибатҳои дучонибаи судмандро ҳамаҷониба густариш медиҳад. Имрӯз як қатор барномаҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ сармоягузорӣ мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили намояндагиҳои бонкҳои хориҷӣ тамоми шароитҳоро муҳайё сохтааст. Боиси хушнудист, ки дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат дар Тоҷикистон якчанд бонки хориҷӣ ва намояндагиҳои онҳо ташкил шуда, ба фаъолият шуруъ намуданд.

Қобили қайд аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30-юми сентябри соли 2023 дар маҷмуъ 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, як адад бонки исломӣ, як адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 25 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд.

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллӣ, аз ҷониби низоми бонкии кишвар фаъолияти ҳадафманду натиҷабахш ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷа, сатҳи муътадили таваррум ва устувории қурби пулли миллӣ нигоҳ дошта шуда, пасандозҳо дар низом зиёд гардидаанд ва ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтода коҳиш дода шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2023 аз ҷониби низоми бонкии кишвар дар маҷмуъ 9 миллиарду 276 миллион сомонӣ қарз пешниҳод карда шуд, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз 2,7 миллиард сомонӣ ё 42 фоиз зиёд мебошад.

Мавриди зикр аст, ки ба санаи ҳисоботӣ бақияи пасандозҳо қариб 17,0 миллиард сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 47,9 фоиз ё 5,5 миллиард сомонӣ зиёд гардидааст, ки аз ҷумлаи нишондиҳандаҳои мусбати фаъолияти низоми бонкии кишвар мебошад.

Имрӯз аз пештара дида масъалаи баланд бардоштани боварии мардум ба бонкҳо, ҷалби бештари пасандозҳои аҳолӣ аз вазифаҳои муҳим дар назди кормандони низоми бонкӣ ба шумор мераванд ва аз онҳо андешидани тамоми чораҳоро талаб мекунанд.

Нишондиҳандаи дигаре, ки аз баланд шудани эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад, ин зиёд шудани шумораи муштариён мебошад, ки аз хизматгузории бонкӣ истифода мебаранд. Боиси тазаккур аст, ки теъдоди ин гуна муштариён сол аз сол меафзояд.

Аллакай дар амал ҷорӣ шудани низоми электронии пардохт, истифодаи кортҳои пардохтӣ, QR-рамзҳо, постерминалу банкоматҳо дар фаъолияти бонкҳои ҷумҳурӣ низ аз омилҳое ба шумор мераванд, ки имконият доданд боварии мардум ба низоми бонкдорӣ боз ҳам баландтар гардад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати инкишоф ва такмил додани фаъолияти низоми пардохтӣ чорабиниҳои зарурӣ меандешад. Яке аз роҳҳои зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ - ин ҳамчун воситаи пардохт васеъ истифода бурдани кортҳои пардохтии бонкӣ мебошад.

Бонкҳои тиҷоратӣ барои афзун намудани иқтидори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона мусоидат мекунанд. Дар айни замон бонкҳои ҷумҳурӣ, аз қабили ҶСК «Ориёнбонк», КВД БА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд», ҶСП Бонки "Арванд," ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСП "Спитамен Бонк", ҶСК "Алиф Бонк", КВД БСҚТ "Саноатсодиротбонк", ҶСП "Душанбе Сити Бонк", ҶСК "Тавҳидбонк" ва ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" дар рушди соҳа саҳми босазо мегузоранд.

Дар нимсолаи якуми соли равон тамоюли таҳким ёфтани шароити макроиқтисодӣ ва устувор гаштани муҳимтарин нишондиҳандаҳо идома ёфт, аз ҷумла Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии (ММД) кишвар ба 54,2 млрд сомонӣ расида, рушди воқеии он ба 8,3 фоиз баробар гардид. Сатҳи таваррум бошад, дар давраи ҳисоботӣ 2,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 банди фоизӣ кам мебошад.

Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт сол то сол меафзояд. Қарздиҳии хурд яке аз манбаъҳои асосии захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон ҳам талабот ба қарзҳои хурд хеле зиёд аст. Инро ба назар гирифта, Бонки миллии Тоҷикистон барои ривоҷ додани ин бахш тадбирҳои судманд андешид.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт фаъолияти худро бо сармоягузорони хориҷӣ суръат бахшида, бахри он заминаҳои ҳуқуқӣ ва шароити мусоидро фароҳам меорад, то ки маблағҳои ба воситаи бонкҳо, ташкилотҳои қарзии амонатии хурд ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ҷалбшуда на танҳо дар шаҳру ноҳияҳои калон, балки дар ноҳияҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ низ ҳамчун қарзҳои хурд дода шаванд.

Дар фароварди гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки пули миллии тамоми тоҷикистониён - сомонӣ, ки 23-сола мешавад, дорои қурби устувор ва қобилияти баланди харидорӣ буда, дар байни пулҳои миллии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун асъори устувору муътадил мавқеи хосро ишғол менамояд.

Шуъбаи матбуоти БМТ

Бунёдкорӣ

ИФТИТОҲИ 7 КОРХОНАИ САНОАТӢ БО БЕШ АЗ 4000 ҶОЙИ КОРӢ



Рӯзи 31-уми октябр Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе 7 корхонаи калони саноатиро мавриди истифодабарӣ қарор дод.

Сарвари давлат якҷо бо Рустами Эмомалӣ, раиси шаҳри Душанбе пас аз навсозии пурра Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Гулистони Душанбе”-ро ба истифода доданд.

Корхона имкон дорад дар як сол то 2 миллион либосҳои махсуси корӣ барои фасли тобистону зимистон, шиму костюм, либоси мактабӣ, варзишӣ, курта ва рахти хоб, дар маҷмуъ 250 номгӯйи маҳсулот истеҳсол намояд. Дар сурати зиёд шудани фармоиш, корхона имкон дорад, ки истеҳсоли маҳсулотро аз ин ҳам зиёд кунад.

Инчунин, Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи “Деҳқонобод-2”-и ноҳияи Фирдавсӣ корхонаи нави истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Фабрикаи қаннодии Амирӣ”-ро ифтитоҳ намуд, ки иқтидори истеҳсолии он дар як сол 27 ҳазор тонна маҳсулотро ташкил медиҳад.

Корхона метавонад 35 фоизи талаботи бозори дохилиро бо маҳсулоти қаннодӣ таъмин намояд. Барои интиқоли маҳсулот ба дӯкону мағоза ва бозорҳо 15 нақлиёти махсуси боркашонӣ харидорӣ шудааст. Корхона дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ дорои анборҳо ва воситаҳои нақлиёти махсус мебошад.

Ҳамзамон дар ин ноҳия корхонаи нассоҷии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Арвис” мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ин корхона ба истеҳсоли матои патдор, аз қабили намудҳои гуногуни сачоқ, халат ва дигар номгӯи маҳсулот машғул буда, истеҳсоли 500 номгӯйи маҳсулоти нассоҷиро ба роҳ мондааст.

Дар кӯчаи Зебунисои ноҳияи Шоҳмансур марҳилаи дуюми корхонаи қолинбофии



Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Қолинҳои Душанбе” ба истифода дода шуд.

Гуфта мешавад, ки иқтидори истеҳсолии корхона 4500 метри мураббаъ дар як шабонарӯз ва 13,5 ҳазор метри мураббаъ қолин бо шаклу тарҳи гуногун дар як моҳ мебошад. Иқтидори солонаи корхона дар як сол ба 4 миллиону 860 ҳазор метри мураббаъ мерасад.

Дар ноҳияи Сино Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқии “Имод”-и Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷикгидроэлектромонтаж” ифтитоҳ гардид, ки дар он 850 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин мешаванд.

Дар корхонаи навтаъсис дар 16 хати истеҳсолӣ 36 намуд маҳсулот, аз ҷумла истеҳсоли ҳисобкунакҳои барқии интеллектуалӣ, лавҳаҳои мукаммали 0,4; 6 ва 10 кВ, истгоҳҳои мукаммали трансформатори 6/10 ва 20 кВ, лифт, дари оҳании дарозатанӣ Файзалӣ Ҳоҷиев дар масоҳати 1 гектар бунёд шудааст.

Иқтидори солонаи он 25 ҳазор тонна равғанро ташкил дода, барои истеҳсоли равғани растанӣ аз кишварҳои Чин, Ҷопон, Полша ва дигар давлатҳо технологияи муосир оварда, васлу насб карда шудааст.

Ҳамчунин дар ин ноҳия Корхонаи истеҳсоли макарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Шаҳри зебои мо” ифтитоҳ карда шуд, ки дар як басти он 14 намуд маҳсулоти макаронӣ бо номи “Лазоли” истеҳсол мешавад. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 3 ҳазор тонна мебошад.

Айни замон дар шаҳри Душанбе 9 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ фаъолият дошта, дар 9 моҳи соли равон 3,9 ҳазор тонна маҳсулоти макаронӣ истеҳсол намудаанд, ки 62 дарсади маҳсулоти макаронии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Ярмарка



ЯРМАРКАИ МАҲСУЛОТИ ХУШСИФАТУ АРЗОН ДАР ПОЙТАХТ

Ҳамасола дар доираи лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” намоиш-фурӯши маҳсулоти хушсифати ватанӣ баргузор мегардад. Ташкилкунандагон имсол низ ин анъанаи некро идома дода, рӯзҳои 2, 3, 4-уми ноябр дар “Кохи Борбад” Намоиш-фурӯши маҳсулоти хушсифати ватаниро баргузор менамоянд.

Дар ин бора масъули баргузории лоиҳа, директори ҶДММ “Тайрон” Шаҳноза Ҳамдамова ба pressa.tj хабар дод.

Манбаъ зикр кард, ки давоми 3 рӯз зиёда аз 30 корхона ва ширкатҳои машҳури кишвар аз қабили “Сиёма”, “Артел”, “СоСа-Cola, “Покиза”, “Файзи Расул”, “Доро”, “Шири Душанбе”, “Молочная радость”, “Қолин-Сервис”, “Беҳамто”, “Баракат”, “София”, “Слобода”, Шабакаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории “Гапзпромнефть”, “GMP”, “АКФА”, Рамис”, “Химус”, “Тавҳидбонк”, “Душанбе-Сити+банк” молу маҳсулот ва хизматрасониҳои мухталифи хешро бо нархи яклухт ба муштариён пешкаш месозанд.

Мавриди зикр аст, ки Маросими расмии кушодашавии Намоиш-фурӯши маҳсулоти иштирокчиёни Лоиҳа-озмуни “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави кишвар, сарпарастону иштирокчиёни лоиҳа ва дигар шахсони расмӣ санаи 2-юми ноябр, соати 09:00 дар «Кохи Борбад» баргузор мегардад.

Лоиҳа рӯзи 3-юми ноябр ҷамъбаст гашта, ғолибон бо ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” сарафроз гардонида мешаванд.

Як факт

ДЮШАМБЕ - СТАЛИНОБОД - ДУШАНБЕ

Як факти ҷолиб дар бораи Душанбе

Шаҳрҳо дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат нақши калидиро мебозанд.

Махсусан, пойтахти рушдкардаву дорои шароити муосир ва осуда барои кору таҳсил ва зиндагӣ заминаи пешрафти кишвар аст. Ҳоло атрофи як факти таърихӣ дар бораи пойтахти Тоҷикистон - Душанбе ҳарф мезанем.

Душанбе - шаҳри калони қадима, ки ба давраи Кӯшониён тааллуқ дорад, дар соҳили дарё, ки ҳоло онро Дарёи Душанбе меноманд, ҳанӯз дар асрҳои III ё IV пеш аз милод пайдо шудааст.

Дар бозёфтҳои хаттӣ аз деҳаи Душанбе бори нахуст дар охири соли 1676 ёдоварӣ шудааст. Деҳаи Душанбе дар чорроҳа қарор дошт ва рӯзҳои душанбе дар ин ҷо бозори калон ташкил мешуд, ки номи деҳа низ аз он ҷост.

Дар деҳа зиёда аз 500 хонавода мавҷуд буд ва тақрибан 8000 нафар зиндагӣ мекарданд. Соли 1826 пойтахти кунунии Тоҷикистон Душанбе-Кӯрғон ном дошт.

Аввалин харитае, ки дар он шаҳри Душанбе ишора шудааст, соли 1875 тартиб дода шуда буд. Он вақт шаҳр 10 ҳазор аҳолӣ дошт.

Дар шаҳр корвонсаройҳо, ду мадраса ва дар 14 масҷидҳои маҳаллаҳо мактабҳо мавҷуд буданд.

Солҳои 1924-1929 шаҳр расман ба забони русӣ Дюшамбе ном дошт. 16-уми октябри соли 1929 ба шарафи Сталин ба шаҳр номи Сталинобод дода шуд. Соли 1961 номи таърихии Душанбе ба шаҳр баргардонида шуд.

Рӯзи пойтахт дар кишвар ҳар шанбеи сеюми моҳи апрел таҷлил мешавад ва соли оянда, яъне 2024 Душанбе садсола мешавад.

Бонкдорӣ



ФОРУМИ РОҲИ АБРЕШИМИ ТИФЛИС

Иштироки Ҳоким Холиқзода ва вохӯриҳои дуҷониба бо роҳбарияти Бонки миллии Гурҷистон ва ҶДММ “Фина”

Рӯзҳои 25 – 27 октябри соли 2023 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дар Форуми Роҳи Абрешими Тифлис, ки дар шаҳри Тифлиси Гурҷистон баргузор гардид, иштирок намуд.

Дар маросими ифтитоҳи форуми мазкур Сарвазири Ҷумҳурии Гурҷистон Иракли Гарибашвили, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон Алӣ Асадов ва Сарвазири Черногория Дритан Абазович иштирок вафсуханронӣ намуданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Форум намояндагони 63 кишвари дунё дар ҳайати зиёда аз 2000 нафар ширкат намуданд.

Дар ин чорабинӣ масъалаҳои мубрами минтақавӣ марбут ба иқтисодиёт, савдо, нақлиёт, энергетика, сайёҳӣ, технологияҳои рақамӣ ва молиявӣ дар панелҳои алоҳида мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ҳошияи Форуми Роҳи Абрешими Тифлис мулоқоти Ҳоким Холиқзода бо иҷрокунандаи вазифаи раиси Бонки миллии Гурҷистон Натия Турнава баргузор гардид. Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи судмандро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, аз табодули таҷрибаи кунунӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Дар робита ба ин, ҷонибҳо ҷиҳати баимзорасонии Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки миллии Гурҷистон ба мувофиқа расиданд.

Ҳамзамон дар доираи сафари корӣ вохӯрии раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарият ва намояндагони ширкати технологии ҶДММ “Фина” баргузор гардид.

Қайд карда шуд, ки ҶДММ “Фина” яке аз ширкатҳои технологии Ҷумҳурии Гурҷистон дар самти технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, зиёда аз бист сол боз бо Бонки миллии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ масъалаи ҳамкориҳои минбаъда дар самти автоматикунонии бизнес равандҳои Бонки миллии Тоҷикистон, боз ҳам такмил додани раванди ҷамъоварии ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ, инчунин мувофиқкунонии онҳо мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Шуъбаи матбуоти БМТ

РОНАЛДУИ ТОҶИК ДАР ФУТБОЛИ РУСИЯ

Муҳаммад Юсуф Шӯхиев, навраси 9-солаи тоҷик ба яке аз умедҳои клуби футболи “Динамо”-и Маскав табдил шудааст.

Вай якуним сол дошт, ки падару модараш ҷудо шуданд. Он замон кӯдаки аз кори ҷаҳон ноогоҳро сарнавишт аз ноҳияи Ҷалолуддини Румӣ ба Русия, назди падару бобояш, ки ҳарду дар шаҳри Обнински вилояти Калуга муҳоҷир ва ба корҳои сохтмонӣ машғул буданд, овард. Аз ҳамон замон ӯ таҳти муроқибату тарбияти бибӣ ё модарбузургаш қарор гирифт.

9-уми сентябри соли 2021 Муҳаммад Юсуфро ба “Динамо”-и Маскав, яке аз бузургтарин тимҳои футболи Русия оварданд. Вай бидуни қайду шарт қабул шуд.



Моҳи майи соли равон дар мусобиқоти футболи кӯдакони Русия (U-9, мутаваллиди 2014), ки ба ёдбуди Григорий Яртсев баргузор шуд, тими кӯдакони “Динамо” мақоми аввал ва Муҳаммад Юсуф Шӯхиев унвони “Беҳтарин бозигари мусобиқот”-ро ба даст оварданд.

Аз замоне, ки ӯ дар тими кӯдакони “Динамо” омад, тими ӯ 7 ҷом ба даст овардааст. Дар ҳоли ҳозир вай беҳтарин бозигари тими U-9-и “Динамо” ба ҳисоб меравад.

КӮЛОБ КАЙ САНОАТӢ МЕШАВАД?

Чанд рӯз қабл ба яке аз мағозаҳои ордфурӯшии маркази ноҳияи Муъминобод ворид шудам. Фурӯшандаи он гуфт, ки дар мағозааш 20 номгӯи маҳсулот дорад, аз қабили орду сабӯсу кунҷора, равған, намак ва ғайра. Медонед ин маҳсулот аз куҷо омадаанд? Бале, аз корхонаҳои вилояти Суғд.

Вилояти Суғд аз ҷиҳати иқтисодиёту иҷтимоиёт ва ободиҳо пешрафта асту дар солҳои соҳибистиқлолӣ боз пуриқтидортар шуда истодааст. Ин албатта, ифтихори ҳамаи мо - мардуми Тоҷикистон аст. Вале суоле сар мезанад, ки чаро минтақаи Кӯлоб дар соҳаи саноатикунонӣ қафо мондааст? Гарчанде аз эълони «Солҳои 2022-2026 - солҳои саноатикунонии босуръати мамлакат» инак қариб 2 сол ҳам мегузарад, вале таконеро мушоҳида намекунем.


Қаблан минтақаи Кӯлоб, ки вилоят буд, бо корхонаҳои азими саноатии таҷҳизоти технологӣ, пахта, равған, хишт, маҳсулоти ширӣ ва ғайраю ҳоказо бо маҳсулоти хеш на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар паҳнои СССР ном бароварда буд. Ҳамаи онҳо бо баҳонаҳои хусусигардонӣ аз байн рафтанд. Дар ҷои баъзеаш се-чор сехи 15-20 нафар кор мекардагӣ сохтанду вассалом. Ва акнун мебинем, ки мирӯз фақат молҳои корхонаҳои саноатии Суғду Бохтар, Турсунзода, Ҳисор, Вахдат дар муомилотанду боқӣ аз Чину Мочину Россия, Покистону... бовар мекунед, аз Афғонистон.

Ҳадс мезананд, ки бештари заводу фабрикаҳои шаҳри Кӯлобро шахсони вазндор монополия карда гирифтаанд. Маҳз ҳамин омили қафомондагии минтақа шудааст. Зеро монополистон биноҳо ва иншоотро харидорӣ карда, солҳо онро мавриди истифода қарор намедиҳанд ва ё ба мақсадҳои шахсиашон истифода мекунанд. Чӣ мегӯед, ки Кӯлоб ҳатто намаки нодири Хоҷамуъминро ба мизоҷон муаррифӣ карда наметавонад...

Бинобар ин, масъулин бояд ба як савол посух бигӯянд: Кӯлоб кай саноатӣ мешавад?

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор

Ҳама чиз дар бораи IT



Муаллифи гӯша:
Максим ШУМСКИХ,
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:
t.me/matador_it

ТИҶОРАТИ ХУРД ДАР ИНТЕРНЕТ ЧӢ ТАВР МЕТАВОНАД ЗИНДА МОНАД?

Шумо як ширкати хурд доред ва минтақаи фурӯшатон Шабака аст. Мутаассифона, рақобат дар Интернет барои тиҷорати хурд метавонад хеле душвор бошад. Дастандаркорон маҷбур мешаванд, ки пайваста мушкилоти гуногунро бартараф кунанд.

Инак, баъзе мушкилоте, ки ширкатҳои хурд бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд:

Рақобати ширкатҳои бузург

Ширкатҳои бузург аллакай мавқеи худро дар бозор устувор намуда, дар натиҷаҳои ҷустуҷӯ мавқеи пешсафиро ишғол мекунанд. Ин метавонад кашф ва ҷалби шунавандагонро дар оғози кор мушкилтар созад. Аммо, ҳамеша механизмҳо ва басомадҳои паст мавҷуданд, ки ширкатҳои хурд метавонанд онҳоро ишғол кунанд. Танҳо фикр кунед ва дар ҷустуҷӯи онҳо афтед!



Захираҳои молиявии маҳдуд

Барои тиҷорати хурд рақобат кардан бо рақибони калон метавонад душвор бошад, дар ҳоле ки буҷаҳои маҳдуд барои пешбурд ва рушди тиҷорати худ дар Интернет доранд. Онҳо наметавонанд ба доираи васеи воситаҳои маркетинг ва ҳалли технология дастрасӣ пайдо кунанд. Ғайр аз ин, камбуди фарогирии аудитория ба миён меояд. Дар бораи тиҷорати хурд ҳеҷ кас намедонад.

Мушкилот дар ҷалби мизоҷон

Ҷалби муштариёни нав метавонад барои тиҷорати хурд душвор бошад. Набудани огоҳӣ аз бренд, фаъолияти маҳдуди таблиғотӣ ва рақобати баланд метавонанд ба ҷалби муассири аудитория халал расонанд.

Мушкилоти техникӣ

Мушкилоти эҳтимолӣ дар таҳия ва дастгирии сомонаи хусусӣ ё интернет-магазин вуҷуд дошта метавонанд. Сифати сомона, суръат, қобили истифода будан ва мутобиқати системаи ҷустуҷӯӣ метавонанд барои муваффақияти тиҷорати хурд аҳамияти зиёд дошта бошанд. Сомонаи хуб - ин кафолати фурӯш ва фаъолнокии муштариён аст. Бо вуҷуди ин, корхонаҳо аксар вақт бо истифода аз қолибҳо роҳҳои ҳалли ройгон эҷод мекунанд ва дар ниҳоят натиҷаи дилхоҳ ба даст намеоранд.

Захираҳои маҳдуд

Пешбурди тиҷорати хурд метавонад вақт ва захираҳои зиёдеро талаб кунад, хусусан дар ҳолати шумораи маҳдуди кормандон. Ин метавонад дар идоракунии самараноки ҷанбаҳои гуногуни тиҷорат, аз ҷумла маркетинг, фурӯш, хидматрасонии муштариён ва амалиёт мушкилот эҷод созад.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ин мушкилот, тиҷорати хурд дар Интернет метавонад пеш равад ва муваффақ шавад. Ҷустуҷӯи ҷойи худ, сохтани бренди беназир, пешниҳоди маҳсулот ё хидматҳои босифат, истифодаи захираҳои мавҷуда ва стратегияҳои маркетинг метавонанд ба тиҷорати хурд дар муҳити онлайнӣ кумак расонанд. Муҳим ин аст, ки барои бартараф кардани монеаҳо омода бошед, малакаи худро мунтазам такмил диҳед ва тағйиротро дар соҳаи фаъолияти худ пайгирӣ намоед.

Агар ягон суолатон боқӣ монда бошад, метавонед шахсан ба ман тавассути телеграмм нависед: @gkmatador

ҚАДАМИ ҚУРБОН

чаро ширкати ӯ дар барномаи Андрей Малахов баҳсбарангез шуд?



КИРМАК БА КӢ БОЯД ПИСАНД ОЯД: МОҲӢ Ё МОҲИГИР?



Чандест ширкат варзидани ҳаваскори тоҷик Қадами Қурбон дар шоу-барномаи «Песни от всей души»-и Андрей Малахов дар сомонаҳои иҷтимоӣ сарусадоҳои зиёдеро ба бор овардааст.

Дуруст аст, ки сурудҳое, ки Қадами Қурбон иҷро мекунад, аслан қобили қабули инсонҳои боҳушу фарҳангӣ нестанд. Ва муаррифӣ кардани ӯ ҳамчун ситораи эстрадаи тоҷик аз минбарҳои сербинандатарин шабакаҳои русӣ нанговар аст.

Шахсан худи ман мухлиси Қадами Қурбон нестам ва ягон суруди ӯро гуш накардаам (ба истиснои оне, ки гоҳу ногоҳ хоҳу нохоҳ аз ҳарҷо ба гӯш мерасад) ва гӯш ҳам намекунам. Ман аз ӯ пуштибонӣ намекунам...

АММО:

Айб танҳо дар овозхонҳо нест.

Мутаассифона, бояд иқрор шавем, ки табъу завқи мардум низ коста шудааст.

Агар ҳозир ман ҳамин ғазали Ҳофизро оҳанг баста хонам:

Мо нагӯем баду майл ба ноҳақ накунем,
Ҷомаи кас сияҳу далқи худ азрақ накунем.
Айби дарвешу тавонгар ба каму беш бад аст,
Кори бад, маслиҳат он аст, ки мутлақ накунем.
Рақами мағлата бар дафтари дониш назанем,
Сирри ҳақ бар варақи шӯъбада мулҳақ накунем...

0,1%-и мардум гӯш карда, қабул мекунанд, боқимонда неЪ! Агар гӯш ҳам кунанд, чизе намефаҳманд. Чун инҷо вожаҳоест, ки ҳатто худи ман бо вуҷуди он, ки худамро босавод мепиндорам, намефаҳмам:

(далқ, азрақ, мағлата, шӯъбада, мулҳақ...).

Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,
То ба охир меравад девор кач.

Аз гаҳвора бояд шуруъ кунем!

Гумон мекунед, ки сухани Пайғамбари муаззам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) - "Аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯед!" ҳамту сухани ҳавоӣ аст?!

Ҳадди ақал аз мактаб бояд шуруъ кунем.

Барои мисол, дилхоҳ кӯдаки эронӣ маънои калимаи "мухталиф"-ро медонад. Лекин пагоҳ як пурсиши оммавӣ ташкил кунед, хоҳед фаҳмид, ки баъзе "бузургон" низ аз мафҳуми ин калима ноогоҳанд...

Чун маълумоти иқтисодӣ низ дорам, дар иқтисодиёт як ҷумлаи маъруф аст:

Кирмак бояд ба моҳӣ писанд ояд, на ба моҳигир!

Овозхонҳои имрӯз низ ба талаботи аксари шунавандагон нигоҳ карда, суруд омода месозанд.

Мисол: Муҳаммадрафӣ Каромatулло оҳанги зебое ба ин ғазал баста, сурудааст:

Ошиқ шудаму маҳрами ин кор надорам,
Фарёд, ки ғам дораму ғамхор надорам...

Вале кам касоне ин сурудро шунидааанду азёд медонанд. Ҳатто мухлисони ашаддӣ низ на ҳамаашон медонанд. Вале сурудҳои "Нисоҷон, гулаки ман", "Ёри беаҳду вафо", "Зери борони баҳорӣ"-ро ҳамагон хуб медонанд...

Кам касон суруди зебои Садриддин Наҷмиддиновро бар ғазали волои Ҷомӣ:

Ҷоно, чӣ шуд, ки пурсиши ёрон намекунӣ?
Дармони дарди синафигорон намекунӣ?

шунидааанду медонанд, аммо сурудҳои "Чил-чил садои борон", "Нозанин", "Гули ноз" ҳаводорони зиёд доранд.

Сурудҳои наътсарои маъруфи ҳисорӣ шодравон Маҳмадсаид Аҳмадовро кам касон шунидаанд, вале суруди фачи "Малика, кштӣ бобота"-ро 90% шунидааанду ҳатто номи сарояндаашро ҳоҷат ба зикр нест, зеро аллакай ҳама медонанд...

Дар ягон адабиёти ҷаҳон мисли адабиёти мо инқадар панду андарз нест, вале мардуми мо аз насиҳат чизе намегиранд...

Хуллас, гуфтаниҳо зиёданд, аммо:

Бар кӣ бибарам арз, ки гӯши шунаво нест???

Ромизи ПАРВИЗ,
сароёянда

Ӯ ТАВОНИСТ!



Қадами Қурбон хеле тавоност! Тавонист, ки оромиши хелеҳоро барҳам занад ва ба зиндагии якрангу якнавохти бархеҳо шӯру шубоб бахшад. Қадам ба он хотир тавоност, ки шумо роҷеъ ба ҳарфу ҳиҷову сарусомонаш лаб кушода, барномаи рӯзмарраи худро як тараф партофтаед.

Тавоност ба он далел, ки гирди номаш аз лабу даҳани шумо ҳангома мерезад. Қадам дар ҷодаи ҳунари худ, ки албатта жанри вижа ва бахши алоҳидае дар адабиёт ва санъат аст, ҳунармандона қадам мезанад. Ба доноҳо тавсия медиҳам, ки ба жанрҳои эпиграмма, фолклор, ба шансон ва ғайра аҳамият диҳанд. Касоне, ки тарафдори аршади ҳунари классикӣ ё академикиянд, ё равияҳои суннативу эстрадиву академикиро муаррифӣ мекунанд, бовар кунед, дар нокомиҳо, толорҳои холии шумо, дар вомондагии шумо Қадами Қурбон гунаҳкор нест. Медонам, ҳоло менависед, ки завқи мардум паст шудааст, аммо ин дурӯғи маҳз аст. Завқи мардум на паст, на боло, на чап ва рост аст. Завқ як ҳисси хусусист. Онро наметавон бо як формула ба чолиш кашид. Завқи одамон ҳамеша гуногун, рангоранг ва тағйирёбанда аст. Ба ҳар далоил агар боз ҳам гуфтаҳоямро инкор кунед ва боз ҳам мардуми фақат Тоҷикистонро ба безавқӣ таъна бизанед, марҳамат, ҳунари волоятонро тавассути пуртамошобинтарин захирагоҳҳои интернетӣ (ютуб, инстаграм, твитер, фейсбук ва ғайра) ба одамони дунё пешкаш кунед. Мутмаинам, бархеро саг тамошо намекунад. Агар мо - тоҷикистониён безавқем, миллиард-миллиард одамони рӯи дунёро ба безавқӣ мучрим донистанатон бояд боиси шармсориятон бошад! Ройгон аст! Интернет бо сомонаҳои иҷтимоӣ имконияти баробар ба ҳамаи одамони дунё додааст. Ҷилва занед, бидурахшед, бисароед, бираксед! Ҳар коре, ки мехоҳед, бикунед! Фақат даст аз сари як ҳунарманди дилсофу дилҷӯ бардоред! Чаро аз гиребони Малахов намегиред? Зӯратон намерасад! Малахов рост дар даҳани гапзан мекӯбад. Малахов як сӯ, чаро аз мансабдорони масъул намепурсед, ки бузургони ҳунар барои чӣ дар барномаи Малахов нестанд? Аслан каме масоҳати дарк ва қабули оламу одамро дар зеҳни худ фаротар аз ҳудуди завқи худатон кунед, зеро дунё ҳеч вақт бо завқи як ё якчанд нафар чарх намезанад. Оқои Интернет низ ҳаминро хуб дарк карда, ки барои ҳама имкони баробар медиҳад, аммо интихоб аз мост. Чизе писандам нест, тамошош намекунам! Тамом! Мисли Қадам овозхонҳои шӯху базлагӯ дар сартосари шаҳрҳои Теҳрон, Порис ва Кобулу Ню Йорк ҳастанд, ки таронаҳои кӯчабоғиро дар жанри фолк мехонанд ва онҳо роҳи касеро набастаанд. Санъаткорони асил ҳамеша дар дилҳои мардум ҷо доштанду доранд. Бинед, Гугуши 70-сола то ҳол ҷаҳонро бо ҳунараш такон медиҳад ва Қадам ин ҷо чӣ дахл дорад? Далер Назаровро ҳама дӯст медоранд ва Қадам ин дӯстдориҳоро аз байн набурдааст! Нигина Раупова то охирин рӯзи ҳаёташ дар инҳисори муҳаббати мардум буд. Шодравон Зафар Нозимов то пиронсолӣ болонишини маҳфилҳо буд ва Қадам ин дилбастагиҳоро кашида нагирифт. Касе агар аз байни мову шумо муваффақ нест, қасам ба номи Ҳунар, Қадам гуноҳе надорад. Фотеҳи саҳнаҳои ҷаҳонӣ бошед! Мисли Гугуш, Ҷексон, Пиаф, Фреди, Хюстон ва садҳо ҳунармандони барҷастаи олам дунёро бо ҳунари худ мусаххар кунед! Ливо дар дастатон, азизонам! Фақат раҳо кунед гиребони Қадами Қурбонро!

Орзу ИСОЕВ,
журналист ва шоир



АЗ СССР-ПАРАСТӢ ТО МАНҚУРТӢ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Ман ҳатман розӣ мешавам, ба шарте ки ҷуръат карда занг зананд.

Ман Манқурт ҳастам

-Охирин кори шумо намоиши "Манқурт"-ро дар Тоҷикистон манъ карданд. Сабаб чӣ буд?

-Ман 2 моҳи холӣ доштам. Чанд актёр омада хоҳиш карданд, ки агар бекор бошед, ҳамроҳ кор кунем. Ман ки 14 сол дар Тоҷикистон кор накардаам, розӣ шудам. Бидуни маблағ. Хӯрокамон пирожкӣ ва салат буд. На ман маблағ пурсидам, на актёрон. Ман аз рӯйи асари Чингиз Айтматов намоиши "Манқурт"-ро хостам ба саҳна гузорам. Чаро манқурт? Аз рӯзи аввал ба актёрон фаҳмонидам. Гуфтам, бародарон Манқурт манам! Чун дарк кардам, ки Манқурте, ки дар роман аст, асари автобиографии Чингиз Айтматов, дарди дили ӯст. Ӯ нагуфтаст ки қирғиз манқурт аст ё тоҷик ё ягон миллати дигар, ӯ Манқурт гуфта, худашро дар назар дорад, ки хизмати жуанжуанҳоро тамоми умр мекард. Орден гирифт, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ шуд, мукофоти давлатӣ гирифт, ҳарчанд медонист, ки кушандаи падараш дар пушташ аст. Ман ҳам гуфтам, ки ман манқуртам ва дар бораи худам асар мемонам. Ва мо он Манқуртро гардонидем ба тоҷикӣ. Қаҳрамонҳоро тоҷик, карда чанд ҷумла илова кардам. Вале барои ин аз устод Айтматов виртуалӣ иҷозат пурсидам. Гуфтам "Устод, ҳамин чиз дар асар ҳаст вале иҷозат, деҳ, ки онро васеъ кунам." Ба он ҷӯйборчаи деҳа, ҳавлича алафу чинори деҳа ва дигар муҳити тоҷикиро илова кардам. Инро дида, Шӯрои бадеӣ асарро манъ кард. Дар хулосае, ки Вазорати фарҳанг додааст, се эрод гирифтаанд, инро ба ҷавонон нишон додан мукин нест, режиссёр диди худашро ворид кардааст ва сеюмаш барои дӯстии байни халқҳои русту тоҷик халал ворид мекунад. Ҳол он ко мо ба Русия кор надорем, мо НКВД-ро гуфтем...

-Яъне меҳнати шумо бар ҳадар рафт...

Бале. Натанҳо ин. Қаблан "Девонагии соли 93" ва "Муҳоҷирон"-и маро низ манъ карда буданд. Он замон талаб кардам, ки муҳоҷирпонро ба ҳукумат нишон диҳед, худи ҳукумат қабул мекунад, зеро он дарди тоҷикон аст, аммо...

-Дар Ӯзбекистон ҳам "Фарҳод ва Ширин"-атонро манъ карданд...

-Бале. Он масъала каме сиёсӣ шуд. Феълан дар Ӯзбекистон Алишери Навоӣ муқаддасоти миллӣ аст. Вақте ҳайкали Ленинро гирифтанд, ба ӯ саллаву риш гузошта ба ҷояш Навоиро гузоштанд. Бинобар ин, онҳо намехостанд, ки ҳақиқати таърихиро дарк кунанд. Фарҳоду Ширин дар синф шинос мешаванд ва намоиши мо ҳам дар даруни синф мегузарад. Олимони ӯзбек қаҳрашон омад, ки ман ба онҳо саллаву ҷома напӯшонидам. Вақте гуфтам, ки ин воқеа дар Арманистон мегузарад, замони салтанати парвизи 2 аст, ки он замон Ислом набуд... Вале онҳо ба ин чиз иҷозат надоданд...

Паспорти СССР дар мағз

-Ба андешаи шумо барои чӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ, алалхусус дар кишварҳои мо тағйир ёфтан намехоҳанд. Тавре гуфтед, ба ҷойи Ленин ба дигаре саллаву калла монда идеал месозанд? Чаро мехоҳанд, ҳамеша пойбанди ақидаҳо бошанд?

-Барои он ки мардуми мо ҷоҳиланд. Дар матретсаи милли мо ва миллатҳои пасошӯравӣ тафаккури советӣ ҳанӯз нақш бастааст, чун мардуми мо аз ин зиёдро надидааст. Аз Кремл фаротар нарафтаасту надидасту нашунидааст. Бадабахтии, миллати мо дар ҷавононаш нест, бадбахтии ин миллат мӯйсафедонаш аст. Ин миллатро мӯсафедони ахмақаш вайрон карданд. Онҳое, ки духон буданд, бангӣ буданд, базӯр ба ягон мактаби олӣ дохил шуда, таҳсил карданд, дар даврони шӯравӣ дуздиву ғарӣ ҳам карданд ва баъд фарзандонашонро дар рӯҳияи "СССР хуб буд" тарбия карданд...

-Бале, то ба ҳол мегӯянд, ки хизмат дар армия шӯравӣ беҳтарин буд...

-Аввалин чизе, ки баъди хизмат мепурсиданд, он буд, ки чанд бор заданд. Инҳо вая зад, мо озарбоёҷониҳоро задем, қазоқҳо хахолҳоро заданд.

Бо вуҷуди он онро дӯст медоранд. Ҳама мехоҳанд, ки ё соли 91 шавад ба СССР баргардем ё ба Русия равем. Барои ҳамин мо забонамонро дӯст намедорем. Дар ягон супермаркети Душанбе овезаи тоҷикиро намебинед. "Джургот" менависад. Хазинадор бо шумо русӣ гап мезанед, гарчанде базур гап мезанад. Чун эрод мегиред, мегӯяд, мо одат кардаем... Ин фоҷеаи миллати мост.

-Ба андешаи шумо кай тоҷикмеҳварӣ оғоз мешавад?

-То замоне, ки хатамонро барнагардонем, аз тоҷик буданамон ифтихор накунем, ғурури миллӣ надошта бошем, чизе тағйир намеёбад, зеро ва паспорти СССР дар мағзҳо мондааст. Барои ҳамин тоҷик парво надорад, хонаша обод намекунад, таърихашро намеомӯзад, этнографияашро намеомӯзад. Чун дар фикраш ба Русия рафтан аст. Агар дигар мебуд мамлакатамонро обод мекардем. Бехтарин режисёрҳоро даъват карда, театрамонро рушд медодем. Бехтарин бастакоронро даъват карда, консерваторияамонро обод мекардем. Охир Тоҷикистони мо биҳиш аст. Фақат онро дӯст доштан лозим.

-Дирӯз як нафар намоиши "Найрангҳои Майсара"-и Театри Камоли Хуҷандиро интиқод карда, навиштаст, ки то кай театри мо ба драматургияи солҳои 30 сарукор мегирад. Зеро маълум аст, ки ин асарҳо аксар идеологӣ ҳастанд. Воқеан театри тоҷик имрӯз гирифтори бухрони драматургон аст. Чӣ бояд кард?

-Ҳамааш як реша дорад, ки касе чизе намехонад. Ин бухрони фарҳангӣ аст. Мо вақте мегӯем, ки театр гирифтори бухрон аст, вале фикр намекунем, ки мактабҳо ҳам ҳамин ҳолро доранд, динишкадаҳо ҳам... Касе хондан намехоҳад. Касе кор кардан намехоҳад. Дар театрҳо чизе аз вазорат биёранд, ҳамонро ба саҳна мемонад. Касе дар фикри он нест, ки равем, омӯзем, барои мисол аз Литва ё Қазоқистон режиссёр даъват кунему кор кунем... нест. Бояд умедро ба мардум баргардонем, дили мардумро гарм кардан лозим. Дар ин кор нақши театр муҳим буда метавонад. Театр муъҷиза аст. Шумо оташи мукаддасро медонед, ки насрониҳо дар рӯзи пасха, дар мазори Ҳазрати Исо меафрӯзанд ва ба ҷаҳон паҳн мекунанд. Театр ҳам мисли ҳамин аст. Тасаввур кунед, ки 400 нафар ҳамарӯза, дар толор намоиш тамошо кунанд, он гармиро бо худ мебаранд ва онро агар ба 2 нафари дигар интиқол диҳанд, 1200 нафар аз он баҳра мебардорад. Театр чунин муъҷиза аст. Ҳамин тавр миллат тарбия меёбад ва рушд мекунад...

Мусоҳиб
Одил НОЗИР

ОМӮЗГОРИ АСИЛ

Омӯзгорӣ касби пуршараф ва дар айни замон пурмасъулият мебошад. Зеро омӯзгорон, аз як тараф, насли шоистаи давронро тарбия кардаву ба камол расонанд, аз ҷониби дигар, дар рушди маънавӣ ва пешрафти ҷомеа нақши муассир мегузоранд. Зиёдулло Абдулзода аз ҷумлаи ҳамин гуна омӯзгорон ва роҳбаронест, ки мунтазам ҷиҳати беҳтар гардидани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ талош менамояд.



Ӯ фаъолияти хешро ҳамчун омӯзгори мактаб оғоз намуда, сипас дар вазифаҳои роҳбарикунанда идома додааст. Ҳоло назорату роҳбариро дар самти муассисаҳои таҳсилоти миёни умумӣ дар Вазорати маориф ва илм бар дӯш гирифт. Зеро барояш ҳама паҳлуҳои соҳа ошноянд ва роҳҳои раҳоӣ аз мушкилот ва такмил бахшидани фаъолияти муассисаҳои таълимиро хубу дақиқ медонад. Ӯ солҳо боз дар мактаб фаъолият карда, дуруст дарёфтааст, ки беҳтарин роҳи пешрафти соҳа ба маърифату касбияти баланди омӯзгор иртибот дорад.

Зиёдулло Абдулзода талош менамояд, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пешрафтаю интеллектуал бошанд, аз донишҳои муосир бархӯрдор гарданд ва дар зимн, бо истифода аз технологияи замонавӣ ва воситаҳои аёнӣ дарсҳоро пурсамар ва ҷолиб баргузор кунанд. Чунки хонандагон ҳамон вақт ба дарсҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд, ки он мавзуъ ва иттилою маълумотеро, ки аз омӯзгор ба даст меоранд, дар ҳаёт татбиқи онро дарёбанд.

Ӯ дар ҳар ҷое, ки кор кардааст, фаъолияти пурсамар нишон додааст ва дар пешрафти соҳа саҳми муносиб гузоштааст. Ҳангоми фаъолият дар муассисаҳои таълимӣ кӯшиш кардааст, ки равобитро бо волидайни хонандагон беҳтар, устодону омӯзгорони лаёқатмандро дастгирӣ намояд ва ҷараёни таълиму тарбияро дар сатҳи баланд ба роҳ монад. Мавсуф хуб дарк кардааст, ки нақши роҳбар дар пешрафти мактаб муҳим мебошад, зеро аз як тараф, бояд паҳлуҳои таълиму тарбияро хуб донад, аз ҷониби дигар, фазои хуби таълимӣ ва муҳити маънавию маърифатиро таъмин созад. Ҳоло ҳамчун муовини вазири маориф ва илм ҷанбаи фаъолияташ густариш ёфт ва рисолаташро бо дили гарму сари баланд ичро мекунад. Мунтазам ба муассисаҳои таълимӣ меравад, аз сатҳу сифати раванди таълиму тарбия огоҳ мегардад ва роҳҳои бартараф намудани мушкилоти соҳаро нишон медиҳад. Ҳангоми суҳбат бо омӯзгорону хонандагон ҳеҷ гоҳ аз шеваи дуруштгуфторӣ истифода намекунад, касеро намеранҷонад ва ё руҳафтода намесозад, балки баръакс падарвор насиҳат мекунаду ҳамчун мутахассиси самти худ маслиҳату машварат медиҳад, то мушкилу камбуди ба мушоҳида расида бартараф карда шавад. Ба он андеша аст ва ҳамеша таъкид низ мекунад, ки мактаббача бояд дуруст фикр карда тавонад ва пайваста китоб мутолиа кунад. Роҳҳои гуногуни идоракунии хонандаро ба омӯзгорон таъкид месозад ва мегӯяд, ки омӯзгор бояд методисти хуб бошад, муносибат карда тавонад, донишманд бошад. Агар омӯзгор ин маҳоратҳоро доро бошад, пас хонанда худ донишмандии омӯзгорро эҳсос ва ӯро эътироф мекунад.

Абдулзода Зиёдулло Назар инсони шарифу хоксор, омӯзгори мушфиқу ғамхор ва намунаи ибрат барои омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф мебошад. Шоистаи таъкид аст, ки абёту зарбулмасал, мақол ва нуктаҳои ҳикматбори зиёдеро азёд медонад ва дар маҷлису суҳбатҳо ҷиҳати такмили андешаҳояш бамаврид истифода мекунад. Дарвоқеъ, устод шахси фарҳангӣ, адабиётдӯст ва маърифатпарвар буда, гоҳо барои таъкиди як масъала байте аз шоирону мутафаккирон меорад, ки таъсири бештар дорад ва ин омил, аз як тараф, моро ба умқи масъала наздик кунад, аз ҷониби дигар, аз донишу ҷаҳонбинӣ ва андешаи фарохи ӯ шаҳодат медиҳад...

2-юми ноябр муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулзода Зиёдулло Назар зодрӯз дорад. Ба ин муносибат ӯро самимона табрик гуфта, барояш саломативу сарбаландӣ ва дар фаъолияташ пешрафту дастовардҳои бештарро таманно дорем.

Насриддин ОХУНЗОДА

ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ» ҶАМЪБАСТ ВА ҒОЛИБОН ҚАДРДОНӢ ШУДАНД. ПАС АЗ СЕ СОЛИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН, ШОҲҶОИЗАИ ОН СОҲИБАШРО ПАЙДО КАРД: ҶАҲОНГИР ДАДАҶОНОВ, УСТОДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН. Ӯ БА СИФАТИ ҶАРРОҲ ДАР БЕМОРХОНАИ ҶУМҲУРИЯВИИ КЛИНИКИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА НИЗ ФАЪОЛИЯТ ДОРАД.



ШОҲҶОИЗА 70 000 СОМОНӢ

Ғолиби озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» кист?

Ғолиби Шоҳҷоиза кист?

Ҷаҳонгир Дадаҷонов 35 сол дошта, зодаи ноҳияи Ашт аст. Ӯ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бо ихтисоси кори табобатӣ хатм кардааст. Аз соли 2020 инҷониб ассистенти кафедраи фанҳои ҷарроҳии №1-и Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон мебошад. Ба сифати ҷарроҳ дар Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии ноҳияи Данғара низ фаъолият менамояд. Дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” ӯ пирӯзӣ ба даст оварда, соҳиби Шоҳҷоиза ва 70 000 сомонӣ шуд. Ихтирои пешниҳоднамудаи Ҷаҳонгир Дадаҷонов барои озмун дар самти микроҷарроҳии реконструктивӣ-пластикӣ аст. Ӯ мегӯяд, ки ин масъалаи хеле актуалӣ аст. Он оид ба тарзи реконструксияи сегменти болоии суфраи гӯш дар беморони дорои дефекти постравматикии сегменти болоии суфраи гӯш таҳия шудааст. “Бартарии ихтироот дар он аст, ки ҳангоми бартарафсозии дефекти сегменти болоии суфраи гӯш, трансплантати аутокартилаҷии худи суфраи гӯш истифода шуда, ҷудокунии фатсияи чакка дар шохчаи сатҳии шараёни чакка бо пӯшонидани ҳамин трансплантат ба роҳ монда шудааст. Дефекти сегменти болоии суфраи гӯш дар як марҳилаи ҷарроҳӣ бартараф карда шудааст”,- гуфт Ҷаҳонгир Дадаҷонов дар суҳбат бо “Тоҷикистон”.

4 миллиону 85 ҳазор сомонӣ барои ғолибон

Бояд гуфт, соли сеюм аст, ки озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» баргузор мегардад. То ин муддат ягон нафар Шоҳҷоизаро соҳиб нашуда буд. Танҳо ҳамин сол Шоҳҷоиза соҳибашро пайдо кард. Таври маълум, ҳадаф аз озмуни мазкур рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ мебошад ва дарёфту муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо ба ҳисоб меравад.

Озмун аз рӯйи 7 номинатсия: математика; физика ва астрономия; химия; биология; география; технологияи иттилоотӣ; ихтироъкорӣ ва навоварӣ дар чор давр моҳҳои апрел - октябр гузаронида шуд.

Соли равон бори аввал озмун байни хонандагони муассисаҳои типи нав - литсейҳо ва гимназияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар алоҳидагӣ баргузор гардидааст. Вобаста ба ин, шумораи ҷойҳои ифтихорӣ 42 адад зиёд гардида, миқдори умумии онҳо 132 ададро ташкил дод.

Ҳамчунин, ҷиҳати ҷалби иштирокчиён ба озмун соли равон дар ҳамаи номинатсияҳо ғолибони ҷойи 3 аз ду нафар ба се нафар зиёд карда шуда, шумораи ҷойҳои ифтихорӣ аз рӯйи ҳар як номинатсия ба 6 адад расонида шуд.

Дар ин замина, шумораи мукофоти пулӣ барои омӯзгороне, ки шогирдонашон дар даври чоруми озмун ҷойҳои 1, 2, 3 ва Шоҳҷоизаро соҳиб шудаанд, 49 адад зиёд шуда, 84 ададро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, маблағи умумӣ барои мукофотонидани ғолибон ва баргузории даври чоруми озмун чор миллиону ҳаштоду панҷ ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2022 як миллиону ҳафтсаду чил ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Имтиёз ба ғолибон

Бо дастури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон соли равон барои иштирокчиёни озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст. Тибқи он иштирокчиёни даври чоруми озмун - хонандагони синфи 11 ба ихтисосҳои фанҳои дақиқу табиатшиносӣ ва техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ бе озмун дар гурӯҳҳои ройгон қабул мешаванд.

Инчунин, ғолибони ҷойҳои 1, 2, 3-и даври чорум ва барандаи Шоҳҷоиза баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба ихтисоси интихобкардаи худ бе озмун ба тариқи ройгон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ қабул мешаванд.

У. РАҲИМЗОДА

Маблағҳо аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо барои даври чорум (ниҳоӣ):

Соли 2021 - 2 345 000 (ду миллиону сесаду чилу панҷ ҳазор) сомонӣ;

Соли 2022 - 2 345 000 (ду миллиону сесаду чилу панҷ ҳазор) сомонӣ;

Соли 2023 - 4 085 000 (чор миллиону ҳаштоду панҷ ҳазор) сомонӣ.

Ҷамъ: 8 775 000 (ҳашт миллиону ҳафсаду ҳаштоду панҷ ҳазор) сомонӣ.

Тахминан ба ҳамин миқдор - 8 775 000 (ҳашт миллиону ҳафсаду шаҳтоду панҷ ҳазор) сомонӣ дар давоми се сол дар маҷмуъ аз ҳисоби раисону роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои илмиву таълимӣ барои ғолибону омӯзгорони даврҳои якум, дуюм ва сеюм дода шудааст.

Дар маҷмуъ: 17 550 000 (ҳабдаҳ миллиону панҷсаду панҷоҳ ҳазор) сомонӣ.

Воқеан ҳам баргузории озмуни мазкур дар ҷомеаи таълимиву илмӣ як таҳаввулоти бузургеро дар самти омӯзишу таҳқиқи фанҳои мазкур рӯйи кор оварда.

Боварӣ дорем, ки дар ояндаи наздик мо натиҷаҳои мусбати ин озмунро хоҳем дид.

Эркин ФАЙЗУЛЛОЗОДА,
декани факултаи химияи
Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон

Инчунин

17 550 000 сомонӣ

барои ғолибон ва омӯзгорони озмуни ҷумҳуриявии "Илм - фурӯғи маърифат"

Ба мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дӯстдорону толибилмони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ маълум аст, ки соли сеюми баргузории озмуни ҷумҳуриявии "Илм - фурӯғи маърифат" ҷамъбаст гардид.

Озмуни мазкур бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омада, сарпарастиашро низ худ ба зимма доранд.

Дар баробари дигар дастгириҳои моддиву маънавӣ ба ғолибону омӯзгорони ин озмун ҳамзамон ба таври нақдӣ дар ин муддат аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии ин сиёсат аз ҷониби раисону роҳбарони вилояту шаҳрҳо ва ноҳияву муассисаҳои илмиву таълимии кишвар ҳудудан ба маблағи 17 550 000 (ҳабдаҳ миллиону панҷсаду панҷоҳ ҳазор) сомонӣ қадрдонӣ карда шуданд, ки воқеан ҳам ҷойи шукргузорӣ ва миннатдорӣ аз ин фазову аз ин ватану аз ин роҳбар аст.

ТОҚАЕВ БА РОҲБАРИ ТОҶИКОНИ ҚАЗОҚИСТОН ОРДЕН ДОД

Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев ба Акбарҷон Исмоилов, муовини раиси Ассамблеяи халқи Қазоқистон ва роҳбари ҷамъияти тоҷикон дар ин кишвар ордени “Эл бирлиги” (“Ваҳдати халқ”) тақдим кард. Дар ин бора DKNews.kz хабар медиҳад.

Ба гуфтаи манбаъ, ин орден рӯзи 24-уми октябр дар қароргоҳи Қасри сафед дар арафаи ҷашни миллии Рӯзи Ҷумҳурии Қазоқистон ба Акбарҷон Исмоилов супорида шудааст.

“Акбарҷон Исмоилов барои хидматҳояш дар таҳкими ваҳдати халқ, таъмини ваҳдати ҷамъиятӣ, ваҳдати миллӣ ва корҳои фаъоли ҷамъиятиву хайриявӣ бо ордени “Эл бирлиги” сарфароз шуд”,- омадааст дар хабар.

Бояд гуфт, ки Акбарҷон Исмоилов соли 1988 дар Қазоқистон ба дунё омадааст, аммо ӯ тоҷиктабор мебошад. Ӯ ҳоло роҳбари ҷамъияти тоҷикон ва муовини раиси Анҷумани халқҳои Қазоқистон аст.



ДАР 9 МОҲ 1 МЛН САЙЁҲ БА ТОҶИКИСТОН ОМАД

Дар 9 моҳи соли равон 2 миллиону 513 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон ба хориҷа рафта ва беш аз 1 милиону 27 ҳазор сайёҳону меҳмонон ба кишвари мо ворид шудаанд. Дар ин бора Агентии омори Тоҷикистон хабар медиҳад.

Ба иттилои манбаъ, теъдоди шаҳрвандоне, ки аз кишвар ба хориҷи мамлакат рафтанд, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 485,2 ҳазор нафар ё қариб 24 дарсад зиёд мебошад.

Манбаъ таъкид кардааст, ки аз ин шумора 802,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17 дарсад зиёд мебошад.

ТӮБИ ТИЛЛОӢ

FRANCE FOOTBALL БОЗ МЕССИРО БЕҲТАРИН ЭЪЛОН КАРД

Ҳамлагари аргентинӣ Лионел Месси ҷоизаеро, ки маҷаллаи фаронсавии France Football ба беҳтарин футболбози ҷаҳон медиҳад, ба даст овард.



Ҳамлагари 36-сола, ки дар клуби амрикоии «Интер Майами» (Амрико) дар сатҳи клуб бозӣ мекунад, рӯзи душанбе дар маросими супурдани ҷоизаҳо дар Порис ҷоиза гирифт. Дар мавсими 2022/23 ӯ қаҳрамони ҷаҳон ва бо клуби «Пари Сен-Жермен» қаҳрамони Фаронса шуд.

Месси ҳаштумин бор дар фаъолияти худ ҷоизаи «Тӯби тиллоӣ»-ро гирифт, ки дар таърихи ин ҷоиза рекорд ба ҳисоб меравад. Қаблан Месси дар солҳои 2009, 2010, 2011, 2012, 2015, 2019, 2021 ҷоизаи "Тӯби тиллоӣ"-ро гирифта буд. Ҳамлагари португалии бошгоҳи "Ал-Наср"-и Арабистони Саудӣ Криштиану Роналду панҷ бор ин ҷоизаро ба даст овардааст. Ин дафъа ӯ натавонист бо Месси рақобат кунад, зеро аз соли 2003 бори аввал ба феҳристи довталабон шомил нашуд.

Ҷойи дувумро дар раъйдиҳӣ барои интихоби беҳтарин бозигари ҷаҳон ҳамлагари норвежии тими "Манчестер Сити"-и Инглис Эрлинг Ҳоланд гирифт. Норвежӣ ҳамчун нишонзани беҳтарин ҷоизаи Герд Мюллерро низ гирифт: ӯ дар мавсими 2022/23-юм 56 гол задааст. Сеюмин касе, ки шумораи бештари овозҳоро ба даст овард, ҳамлагари фаронсавии ПСЖ Килиан Мбаппе аст.

«Манчестер Сити» (Инглис) беҳтарин клуб дониста шуд. Ин клуб дар соли 2023 дар чаҳор мусобиқа - Чемпионати Инглис, Ҷоми Инглис, Лигаи Чемпионҳо ва Суперҷоми UEFA пирӯз шуд.

Беҳтарин тими занона «Барселона»-и Испания, беҳтарин футболбоз бозигари ин даста ва тими миллии Испания Айтана Бонмати дониста шуданд. Соли 2023 ӯ қаҳрамони ҷаҳон шуд.

Эмилиано Мартинес барандаи ҷоизаи Лев Яшин шуд, ки маҷаллаи France Football ба беҳтарин дарвозабони ҷаҳон тақдим мекунад.

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

ТОҶИКИСТОН МУСОБИҚАРО АЗ БОЗӢ БО УРДУН ОҒОЗ МЕКУНАД



16-уми ноябр дастаи мунтахаби Тоҷикистон марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026-ро бо бозӣ муқобили тими миллии Урдун оғоз мекунад.

Тими миллии Тоҷикистон дар бозии ифтитоҳии худ дар даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурӯҳи «G» бо дастаи мунтахаби Урдун бозӣ мекунад. Ин вохӯрӣ рӯзи 16-уми ноябр дар Варзишгоҳи марказии чумҳуриявии шаҳри Душанбе баргузор шуда, соати 18:00 оғоз мешавад.

Дастаи Тоҷикистон дар бозии дуюми даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 рӯзи 21-уми ноябр дар Исломобод бо дастаи мунтахаби Покистон рақобат мекунад.

Тибқи нақшаи ситоди мураббиён дастаи мунтахаби Тоҷикистон омодагиҳоро ба бозиҳои интихобии ҶҶ-2026 рӯзи 10-уми ноябр дар Душанбе оғоз мекунад.

Бояд гуфт, ки бар асоси натоиҷи даври дуюми интихобӣ ғолибони нуҳ гурӯҳ ва дастаҳое, ки дар гурӯҳҳои худ ҷойи дуюмро мегиранд, муборизаро дар даври сеюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 идома дода, ҳамзамон соҳиби роҳҳат ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 мешаванд.

БОЗИҲОИ ПАРАЛИМПӢ

ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН БЕ МЕДАЛ МОНД

Дар Ҳанҷжоуи Чин чаҳорумин Бозиҳои паралимпии осиёӣ ба поён расид. Дастаи Тоҷикистон боз бе медал монд.



Тоҷикистон ба ин бозиҳо 9 варзишгар фиристод, ки инҳо Бахтиёр Донаёров, Фарзона Ғуломова (пауэрлифтинг), Шоҳрух Назаров (ҷудо), Шабнам Меканбоева (бадминтон), Екатерина Ишенко (тенниси рӯи миз), Ҳамроқул Эркабоев, Сухроб Ҳамдамов (шатранҷ), Муҳаммадмаҳмуд Раҳматов (варзиши сабук), Сиёвуш Илёсов (дучархаронӣ) буданд.

Дар ин бозиҳо дар маҷмуъ ҳудуди 3000 варзишгар аз 44 кишвари ҷаҳон дар 22 намуди варзиш ширкат доштанд. Ва 468 варзишгар ҳадди ақал як медал ба даст оварда, 21 рекорди нави ҷаҳонӣ, 72 рекорди нави Осиё ва 283 рекорди бозиҳоро гузоштанд.

Чин аз соли 2010 барои чаҳорумин бор пайиҳам дар ҳисоби медалҳо дар ҷои аввал қарор гирифт. Эрон дар ҳисоби медалҳо дар ҷойи дуюм ва Ҷопон, ки соли 2026 мизбони Бозиҳои навбатии паралимпики осиёӣ хоҳад шуд, сеюм шуданд.

Дастаи Тоҷикистон дар таърихи худ дар Бозиҳои паралимпии осиёӣ ҳеҷ гоҳ медал ба даст наовардааст.

БОКС

БАҲОДУР УСМОНОВ СОҲИБИ КАМАРБАНДИ WBO ORIENTAL ШУД

Дар «Шоми бокс», ки рӯзҳои 27 ва 28-уми октябр бо сарпарастии IBA дар Душанбе баргузор шуд, чанде аз муштзанҳои тоҷик пирӯз шуданд ва муштзани маъруфи Тоҷикистон Баҳодур Усмонов соҳиби камарбанди WBO Oriental гардид.

Шаббос Неъматуллоев дар аввалин набарди худ дар ринги касбӣ бо нокаути техникӣ дар раунди аввал бар Карен Аветисян пирӯз шуд.

Дар набарди дуюми ин шом Давлат Болтаев ӯзбекистонӣ Муҳиддин Рачабовро дар раунди дуюм бо нокаути техникӣ шикаст дод.

Акмал Убайдов дар раунди аввал бар муштзани Ӯзбекистон Темур Кушаков бо нокаути техникӣ ғолиб омад.

Абубакр Муродзода бо қарори якдилонаи доварон аз Давит Азизяни арманӣ шикаст хӯрд.

Дар набарди асосии ин шом муштзани маъруфи тоҷик Баҳодур Усмонов (7-0) дар раунди сеюм (набард иборат аз 10 раунд буд) бар муштзани тайландӣ Манат Сопатип (10-2) бо нокаути техникӣ пирӯз шуд. Тайландӣ дар ин набард чор маротиба ба нокдаун дучор шуд. Ҳамин тавр, Баҳодур Усмонов соҳиби камарбанди WBO Oriental шуд.



РЕЗААХБОР

Дастаи футболи «Панҷшер»-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар бозии даври 24-уми Лигаи якуми футболи Тоҷикистон бо ҳисоби 2:0 дастаи футболи «Шодмон»-и шаҳри Ҳисорро мағлуб кард. Пас аз ин ғалаба даста бо 50 итмиёз дар зинаи аввал мавқеашро мустаҳкам карда, пеш аз муҳлат ҳақи иштирок дар мавсими ояндаи Лигаи олиро ба даст овард.

***



Дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2024 мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии Мубин Эргашев бо ҳамсолони худ аз Амороти Муттаҳидаи Араб ва Кувайт ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Даста 14-уми ноябр бо Амороти Муттаҳидаи Араб ва 17-уми ноябр бо Кувайт рақобати санҷишӣ доир мекунад. Ҳарду бозӣ дар Дубай баргузор мешавад.

***

Салим Ал-Давсарӣ аз дастаи "Ал-Ҳилол" ва Арабистони Саудӣ беҳтарин бозигари мавсими КФО, Ким Мин Ҷе, бозигари дастаи "Байерн"-и Мюнхен ва Куриёи Ҷанубӣ, беҳтарин бозигари байналмилалии КФО, Ҳаҷиме Мориясӣ, сармураббии тими миллии Ҷопон, беҳтарин мураббии сол, Ассосиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) беҳтарин федератсияи футболи минтақавӣ дар Осиё дониста шуданд.

***

Аз 16 то 19-уми ноябр дар Ӯзбекистон Чемпионати ҷудои Осиё миёни наврасону ҷавонон баргузор мешавад, ки дар он миёни наврасон иштироки 130 варзишгар аз 11 кишвари Осиё дар назар аст. Тоҷикистонро дар ин категория 9 кас миёни писарон ва 1 кас миёни духтарон намояндагӣ мекунанд. Миёни ҷавонон аз Тоҷикистон 8 писар ва 3 духтар ширкат хоҳанд кард. Онҳоро мураббиён Муҳаммадмурод Абдураҳмонов, Абдулло Наботов ва Муртазо Носиров тамрин медиҳанд.

90 КИЛО ҲЕРОИНУ АФЮНИ “БЕСОҲИБ”

Аз як пинҳонгоҳ дар назди деҳаи Чашмаи ноҳияи Сариосиё дар марзи Ӯзбекистон бо Тоҷикистон миқдори бузурги иборат аз 90 кило маводи мухаддир пайдо кардаанд.

39 килою 409 грамми он ҳероин, 35 килою 715 граммаш афюн ва 14 килою 545 грамми боқимондааш ҳашиш будааст. Ҳамаи ин маводи мухаддир, ки дар маҷмуъ 89 килою 699 граммро ташкил медиҳад, мусодира гардида, дар робита ба ин қазия парвандаи ҷиноятӣ кушода шудааст. Дар бораи ба кӣ тааллуқ доштани ин “хазина” чизе гуфта намешавад.

ПАРВАНДА БАРОИ ҲИМОЯИ ПАРЧАМ

Раёсати тафтишоти вилояти Новгороди Русия хабар дод, ки ба санҷиши қазияи як навраси тоҷик, ки дар як мактаб дар шаҳри Валдай аз парчами миллии Тоҷикистон ҳимоят кард, шуруъ кардааст.

Рӯзи ҷумъа, 27-уми октябр дар шабакаҳои иҷтимоӣ видеое пайдо шуд, ки як навраси тоҷик парчами миллии Тоҷикистон дар рӯи шонаҳояш ба як духтари симояш славянӣ таҳдид мекунад. “Баъди дарс ман бо корд мекушамат”,- мегӯяд ин наврас ба он духтар.

Бино ба хабарҳо, ин наврас Некрӯз Иноятзода ном дошта, парчами миллии Тоҷикистонро барои намоиш дар як чорабинии фарҳангии аз сӯи маъмурияти мактабашон ташкилшуда оварда буд. Дар видео дида мешавад, ки он духтар ҳавобаландона дар бораи парчами Тоҷикистон ҳарфҳои носазо мегӯяд ва Некрӯз аз ин ба хашм омада, дар сари қаҳр ба сари он духтар фарёд мезанад.

ИМА БА ЗИДДИ ЯК ТОҶИК ПАРВАНДА БОЗ КАРД

Мақомоти прокуратура дар Амрико як мардро аз Бруклин ва як оиларо аз Монреалро ба содироти колоҳо ба Русия, ки метавонанд дар бахши дифои Русия истифода кунанд, муттаҳам карданд.

Дар ин бора Reuters хабар дод. Бар зидди Салимҷон Насриддинови 52-сола, ки шаҳрвандии Русия ва Тоҷикистонро дорад, инчунин ҳамсарони 37-сола Николай Голтсев ва Кристина Пузиреваи 32-сола, ки шаҳрвандии Русия ва Канадаро доранд, парванда боз шудааст. Онҳо барои нақзи таҳримҳо, қочоқ ва барои қаллобӣ муттаҳам мешаванд. Айбдоршавандагон ба ҳабс гирифта шуданд, аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо ба гуноҳи худ иқрор нашудаанд. Ба онҳо чандин соли зиндон таҳдид мекунад.



ҶИНБАРОРӢ Ё БАДРАФТОРӢ?

Боздошти як “мулло” бо гумони бадахлоқӣ


Прокуратураи генералии Тоҷикистон хабар дод, ки дар шаҳри Хуҷанд як “ҷинбарор”-и 68-сола бо иттиҳоми бадахлоқии шаҳвонӣ дастгир шудааст.

Бино ба иттилои расмӣ, Прокуратураи вилояти Суғд рӯзи 25-уми октябри соли 2023 нисбат ба Набиев Абдувалӣ, соли таваллудаш 1955, бар асоси қисми аввали моддаи 142, иловаи 1 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон бо иттиҳоми ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона, ки бо сӯйистифода аз ҳиссиёт ва боварии динии ҷабрдида содир шудааст, парвандаи ҷиноятӣ кушодааст.

Додситонии кулл дар шарҳи ин парванда гуфт: “Набиев Абдувалӣ, ки на таҳсилоти динӣ ва на тиббӣ дорад, худро дар байни мардум ҳамчун “мулло” ва “табиб” муаррифӣ карда, дар манзили истиқоматиаш, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 12, корафтодагон, аз ҷумла занонро қабул намуда, бо роҳи дуохонӣ, маҳси бадан, “таштобнависӣ” ва дигар роҳҳо гӯё онҳоро табобат ва ҷинҳоро аз баданашон дур мекардааст. Чунончи, 23.10.2023 ӯ ба манзили иҷоравии шаҳрванд М., воқеъ дар шаҳри Хуҷанд омада, бо баҳонаи баровардани ҷин ӯро дуохонӣ намуда, дар рафти он бо сӯйистифода аз ҳиссиёт ва боварии динии шаҳрванд М. нисбати ӯ ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта анҷом дода, нафси шаҳвонии худро қонеъ намудааст”.

Ба Набиев Абдувалӣ бар асоси қисми якуми моддаи 142, иловаи 1 ҳамчун ҷазо аз 3 то 7 соли зиндон таҳдид мекунад.

ТИРПАРРОНИИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР МАСКАВ



Дар Маскав нисбат ба зодаи Тоҷикистон Шерзод Фозилови 23-сола бар асоси ду банди Кодекси ҷиноятии Русия бо иттиҳоми авбошӣ бо истифода аз силоҳ (моддаи 213) ва муқовимату зӯроварӣ нисбат ба намояндагони давлат (моддаи 318) парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд.

Бино ба иттилои мақомот, рӯзи 28-уми октябри соли 2023 дар истгоҳи автобус дар кӯчаи Софя Ковалёвская дар шимоли Маскав тири аз пистолети пневматикӣ ба замин холикардаи Фозилов аз асфалт ҷаста, ба дасти як ҷавонзан задааст. Ин ҷавонзан, ки бо кӯдакаш дар истгоҳ мунтазири автобус буд, аз Шерзод ва дӯсти ӯ, ки сигор мекашиданд, хоҳиш карда будааст, ки каме дуртар сигорашонро бикашанд, то дудаш ба димоғи кӯдаки ӯ нарасад. Телеграм-канали Mash менависад, ки Шерзод Фозилов ҳангоми фирор дар автобус ба тарафи як зани дигар низ аз пистолеташ тир холӣ карда, ҳангоми боздошт ба кормандони пулис муқовимат нишон додааст.

Ба ӯ тибқи моддаи 213 ҳамчун ҷазо то 7 соли зиндон ва барои муқовимат ба пулис бар асоси моддаи 318 то 10 соли зиндон таҳдид мекунад.

ҲАМЛАИ НАВРАСОНИ СИЛОҲДОР БА МУҲОҶИР



Рӯзи 28-уми октябри соли 2023 дар истгоҳи метрои “Уделная” дар маркази шаҳри Санкт-Петербург як муҳоҷири 21-сола аз Тоҷикистон ҳадафи ҳамлаи мусаллаҳона қарор гирифтааст. Дар ин бора ин ҷавони тоҷик худаш ба пулис хабар додааст.

Бино ба гузориши “Фонтанка”, рӯзи шанбе, 28-уми октябр як ҷавони 21-солаи тоҷик, ки ба Петербург аз Тоҷикистон бо мақсади кор омада, ҳамчун ҳаммол (грузчик) кор мекардааст, ба корманди пулис дар истгоҳи метрои “Уделная” мурочиат карда, хабар додааст, ки дар платформаи ин истгоҳи метро нафарони ношинос ба тарафи ӯ аз пистолет тир холӣ кардаанд.

Кормандони пулис аллакай дар истгоҳи баъдии “Пионерская” се нафарро бо гумони ҳамлаи мусаллаҳона ба муҳоҷири тоҷик дастгир кардаанд. Маълум шудааст, ки харсеи онҳо ноболиғ буда, дар як мактаби хусусӣ таҳсил мекардаанд. Пулис ин се нафар - ду акаву додари синнашон 13 ва 15 ва дӯсти 15-солаи онҳоро дастгир ва аз дасти онҳо як мил силоҳи шикорӣ (охотничий спусковой механизм)-ро мусодира кардааст.

Азбаски қонуншиканҳо ноболиғанд, пулис нисбат ба волидони онҳо бо иттиҳоми ба таври муносиб ичро накардани масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд протокол тартиб додааст.

Вале ҳангоми таҳқиқи ин қазия маълум шудааст, ки ҷабрдида низ қоидаҳои будубош дар Русияро вайрон кардааст. Нисбат ба ӯ низ барои вайрон кардани қонуни муҳоҷират протокол тартиб додаанд.

МАРГИ РОНАНДАИ ТОҶИК ДАР ҚАЗОҚИСТОН

Рӯзи 29-уми октябри соли 2023 ронандаи 34-солаи мошини тамғаи “Kia Rio”, шаҳрванди Тоҷикистон, ҳангоми ҳаракат аз тарафи вилояти Қазоқистони ғарбӣ ба тарафи шаҳраки Қобдаи вилояти Оқтеппа дар километри 606-уми шоҳроҳи Самара - Шимкент ба мошини тамғаи “Chevrolet Captiva” таҳти идораи шаҳрванди 31-солаи Ӯзбекистон бархӯрдааст.

Дар натиҷа, ҳарду ронанда ва як мусофир дар ҷои ҳодиса ҷон бохта, ду мусофири дигарро бо ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ дар бемористони Қобда бистарӣ кардаанд. Дар бораи шахсияти мусофирон ва аз кучо будани онҳо чизе гуфта нашудааст.

БА ҲАМСАРАШ ТАҲДИД КАРДУ ТЕЛЕФОНАШРО ДУЗДИД

Маркази матбуоти ВКД Тоҷикикистон рӯзи 26-уми октябри соли 2023 хабар дод, ки марди 40-солаи сокини шаҳри Истаравшан бо гумони таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатии ҳамсари собиқаш дастгир карда шуд.

Ба иттилои ВКД, гумонбаршаванда ба хонаи истиқоматии собиқ ҳамсараш, сокини 34-солаи шаҳри Истаравшан омада, бо корди хоҷагӣ ӯро таҳдиди куштан кардааст ва баъдан бо роҳи зӯроварӣ 1 адад телефони мобилии тамғаи «Редми 9»-ро ошкоро гирифта, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст.

ТАРКИШИ БАЛОНИ ГАЗ ДАР “МЕРВЕ”

Санаи 30-юми октябри соли 2023 тақрибан соати 13:24 дар қаҳвахонаи "Мерве", воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ аз ҳисоби гази моеъ таркиш ба амал омад.

“Дар натиҷаи ин таркиш ду нафар шаҳрвандон, як нафар корманд ва як нафар мизоҷи ошхонаи мазкур ҷароҳат бардоштаанд. Ҳамзамон як адад воситаи нақлиёти тамғаи "Лексус", ки дар наздикии ошхона қарор дошт, зарари техникӣ дидааст”,- гуфтаи мешавад дар иттилоияи милитсияи Душанбе.





КАМХУНӢ

2 РОҲИ ОСОНИ ХАЛОСӢ АЗ ОН

Ман модари 4 фарзанд ҳастам. Чандин сол боз бемории анемия дорам. Ҳамеша худро камқувват ва хастаю лакот эҳсос мекунам. Мехоҳам, ки табиби шинохта Садриддиншоҳ Ҷалолӣ давои халқиеро барои табобати камхунӣ ба банда тавсия диҳанд.

ФАРИЗА, аз шаҳри Турсунзода



Посухи Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:

- Сабаби асосии камхунӣ - ин паст гаштани сатҳи гемоглобин дар хун мебошад, ки онро бо забони тиббӣ анемия меноманд. Хоҳари азиз, шуморо лозим аст, ки як маротиба ҷиддан тамоми узвҳои худро ташхис намоед, чунки инсон бе сабаб, худ аз худ ба камхунӣ гирифтор намешавад. Сабаби анемия метавонад вайрон шудани эритроситҳо, камбудии витаминҳо ва оҳан дар организм, саратони хун, сили шуш, хунравӣ, кирми меъда ва ё ягон иллати дигари узвҳои дарунӣ бошад. Барои он ки аз камхунӣ халос шавед, сарчашмаи бемориро ёфта, онро табобат кардан лозим аст.

Айни замон ман ба шумо чанд давои содаро тавсия медиҳам, ки ба беҳтар шудани ҳолатон мусоидат хоҳанд кард, вале аз ташхис гузаштанро аз ёд набаред.

ЯКУМ. Беҳтарин даво барои табобати камхунӣ ин давое мебошад, ки аз меваю сабзавоти тару тоза тайёр карда шудааст. Шумо метавонед шарбати ним килограмм себ, ним килограмм лаблабӯи сурх ва ним килограмм сабзиро бо воситаи мошинаи мевачабак (соковижималка) гирифта, дар зарфе андозед ва аз болояш як пиёла асали тоза рехта, нағзакак якҷоя кунед. Ҳар рӯз 3 маротиба 20 дақиқа пеш аз хӯрок аз ин даво якқошуқӣ нӯши чон кунед, камхуниро даво мебахшад.

ДУЮМ. Барои рафъи камхунӣ шумо бояд ҷисми худро аз витаминҳои С ва В шодоб гардонед. Бо ин мақсад аз меваи настаран-хуч истифода бурдан мумкин аст. Бегоҳ се қошуқ хучро дар ним литр оби чӯш дар термос дам карда, монед то саҳар истад. Рӯзона ба ҷойи чой ана ҳамин оби хучро кам-кам нӯшидан гиред ва бештар меваю сабзавоти тару тоза хӯред, дар муддати кӯтоҳ ба худ меоед.

ШИФОИ ДАРДИ ПОЙ

Чандест, ки аз дарди пой азият мекашам. Аз буҷулаки поям поён бо фаро расидани фасли сармо дард мекунад. Илова бар ин, радикулит дорам. Оё роҳе барои табобати дарди поям мавҷуд ҳаст?

ГУЛҶАҲОН, аз шаҳри Кӯлоб

Посухи Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:

- Тавре падари илми тиби тоҷик Абӯалӣ ибни Сино гуфтааст, ба ҷуз банди аҷал дигар ягон дарду банду гирехе нест, ки инсон онро бо дониши худ боз карда натавонад. Мо ҳам барои табобати тамоми дардҳо, аз ҷумла дарди пой ва миён давоҳои зиёде дорем. Инак, аз хазинаи пурбори табиат ман ба шумо чанд гиёҳи одиро тавсия медиҳам, ки ба зудӣ дарди пойҳоро мегиранд.

Чормағз - давои беҳтарин барои дарди пой

Тирамоҳ мавсими чормағ аст ва натанҳо мева, балки ҳатто баргу танаи ин дарахти муъҷизанок низ ба инсон фоидаи зиёде дорад. Фурсатро аз даст надода, як миқдор баргҳои чормағзро тоза шӯед ва дар зарфе андохта, аз болояш об рехта, камтар ҷӯшонед.

Пеш аз хоб ин оби шифобахшро ба оби ванна ҳамроҳ карда, ба дарунаш даромада шинед ё обро дар ягон тағора гирифта, пойҳоятонро то зону муддати 10-15 дақиқа дар он нигоҳ доред. Гиёҳоби барги чормағз дарди пойҳоро гирифта, ба кас оромӣ ва ҳаловат мебахшад.



Дӯлона ва қоқу

Барои халосӣ аз дарди пойҳо боз як давои омехтаи дигар низ тайёр кардан мумкин аст. Барои ин решаи чоқла, пӯсти решаи зелол, дӯлонаи сурх, решаи қоқу, чилбуғум ва меваи арчаро гирифта, якҷоя мекунед ва як таркиб месозед.

Таркиби дуюмро аз ин гиёҳҳои гули ҳамешабаҳор - (календула), гули говзабон, бӯймодарони маҳинбарг, барги дарахти тус, алафи газанда, барги санавбар ва чойкаҳак тайёр кардан лозим аст.

Аз таркиби аввал се қошуқ гиёҳро дар 2 литр об андохта, 10 дақиқа мечӯшонед, сипас зарфро аз болои оташ гирифта, ба он аз таркиби дуюм 3 қошуқ гиёҳ илова мекунед ва даҳони зарфро маҳкам карда, тахминан ду соат нигоҳ медоред.

Пас аз ду соат давои тайёршударо полонда, ба термос меандозед ва ҳар ду-се соат пас аз он 50-граммӣ менӯшед. Ин гиёҳоб ба тамоми намудҳои дарди банду буғумҳо даво буда, бар замми ин, асабро ором месозад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта бо тараддуд ва ташвиши маъракаҳои дарпешистода машғул мешавед. Аз корҳои вазнин дар давоми ҳафта худдорӣ намоед, эҳтимоли бемор шуданатон вуҷуд дорад. Дар давоми ҳафта яке аз хешовандон бо умеди кумак ба шумо мурочиат менамояд.



Савр
21.04 - 21.05

Давоми ҳафта барои хона ва аҳли оила харочоти иловагӣ мекунед. Эҳтимол ба пардохти пули барқ ё хизматрасониҳои коммуналӣ машғул шуданатон лозим меояд. Барои аксарият ҳафтаи бобарор аст, аз хешу ақрабо ва дӯстон пул мегиред.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар давоми ҳафта ҳодисае бо дӯст ё ҳамсояатон рух дода, шуморо бетараф намегузорад. Дар давоми ҳафт рӯз гоҳе табъатон хушу гоҳи дигар ранҷуру руҳафтода мегардед. Нафарони ошиқ нисбати дӯстдоштаи худ самимӣ буданашон лозим меояд.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ин ҳафта масъалаҳои муҳими молиявиеро, ки ба оилаву зиндагии шумо дахл доранд, ҳал карданатон лозим меояд. Даромади пулии шумо аз он маблағе, ки интизор будед, кам ё зиёд мегардад ё аз пул танқисӣ мекашед. Ҳафтаи пур аз ҳодисаҳои хушу ногаҳонӣ аст.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта хушёриро пеша намоед, нафаре барои ба мақсад расидан шуморо истифода бурдан мехоҳад. Дар давоми ҳафта аз нафарони дурӯяву тамаъкор худро ҳифз намоед. Бо мақсади худро ҳимоя кардан ба даҳаливу бадҷаҳлӣ рох надиҳед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Давоми ҳафта худро ба даст гирифта, ба қаҳру ғазаб рох надиҳед. Дар паҳлуятон вуҷуд доштани нафаре, ки дар зиндагӣ муваффақ аст, шуморо барои ба пеш ҳаракат намудану ба мақсад расидан водор менамояд. Аз нафароне, ки асабатонро хароб месозанд, дурӣ ҷӯед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафтаи нав аз ҳодисаҳои бо сафарҳо ва одамони раҳдур алоқаманд ба ҳайрат меоед. Нафаронии муҷаррад бахти худро пайдо карда метавонанд. Дар давоми ҳафта ҳуҷҷат ё бореро ба ҷои дигар бурданатон лозим меояд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта бо кору ҳуҷҷатҳои гуногуне, ки боиси рушди шахсияти шумо мегарданд, машғул мешавед. Хабарҳои хушу ногаҳонӣ сабаби зангҳои зиёди телефонӣ бо дӯстону пайвандон мегардад. Аз пешравиҳои фарзандон, ҷиянҳо, бародару хоҳарон шод мегардед.



Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта ҳадафҳои худро бо муваффақият ба анҷом мерасонед. Хотироти рӯзҳои бадтаринеро, ки аз сар гузаронида будед, аз нав пеши назар меоред. Мардони дар мучали қавс таваллудёфта барои амалӣ намудани нақшаҳо нерӯи зиёд сарф мекунанд.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Мушкилиҳо аз ҷое сар мезананд, ки шумо комилан интизор набудед. Дар давоми ҳафта боэҳтиёт бошед, зеро дар хонаатон камбудиҳои зиёде пеш меоянд. Эҳтимоли таъмир ва иваз кардани ашёву ҷиҳози хона пеш меояд. Аз пул танқисӣ мекашед.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта дар масъалаҳои пулӣ ва пешниҳодҳои нави корӣ боэҳтиёт бошед. Дар давоми ҳафта аз фиребгарону ҳаннотон эҳтиёт шавед. Нафаре аз ғалату заифӣ, содагӣ ва бечуръатии шумо истифода бурда, фоида ба даст овардан мехоҳад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Барои хона ё ниёзҳои шахсии худ харочот карданатон лозим меояд. Имкониятҳои нав ва уҳдадориҳои бештар пайдо мекунед, ки вақти зиёдатонро фаро мегиранд. Ҳафта барои нафарони муҷарраде, ки дар фикри пайдо намудани бахти худ ҳастанд, бобарор меояд.

ОСОРХОНАИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Аз пайдо шудани ҳуҷҷатҳои нав то қомат афрохтани муҷассама





Шуруъ аз моҳи майи соли ҷорӣ дар осорхонаи Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров корҳои таъмиру бозсозӣ бомаром идома доранд. Ин кор ба муносибати 115-солагии аллома бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд амалӣ шуда истодааст.

Муқаддам Ҳошимзода - директори Осорхонаи чумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров зимни суҳбат бо мо гуфт, ки осорхона аз 25-уми апрели соли 1998 фаъолият мекунад ва имсол баъди оғози корҳои таъмиру азнавсозӣ ҳудуди он бори аввал муайян карда шуд. Бино ба иттилои масъулин, ҳудуди осорхона дар умум аз 5 гектар иборат будааст.

Ҳошимзода гуфт, ки осорхона баъди азнавсозӣ куллан бо ороиш ва методҳои нав фаъолияташро идома медиҳад. Пеш аз ҳама, китобхонаи электронӣ бунёд шуда истодааст, ки ғайр аз шуъбаи кадрҳову дигар самтҳо, инчунин се шуъбаи бакорҳои илмӣ-таҳқиқотӣ марбутбуда, ба монанди шуъбаи ҷамъоварӣ, шуъбаи ташвиқот ва шуъбаи муҷаҳҳазгардонӣ ба фаъолият оғоз мекунанд. Ин иқдом барои боз ҳам бештар дастрасӣ пайдо кардани аудитория ба осору пайкори академик Бобоҷон Ғафуров мусоидат мекунад.

Дигар қадами ҷадид дар осорхона таъсиси маҷаллаи илмӣ бо номи "Паёми Осорхонаи чумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров" мебошад. Маҷалла инъикосгари мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихону ғафуровшиносони саросари кишвар аст, ки дар шаш моҳ як маротиба нашр мешавад.

Ҳошимзода афзуд, ки дигар кори назаррасе, ки дар осорхона анҷом дода шуд, ин тарҷумаи зиёда аз 1000 экспонатҳо ва 800 адабиёт аз забонҳои хориҷӣ ва хоса ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ буд. Барои ғанӣ гардонидани осорхона ва муаррифии боз ҳам бештари корҳои илмӣ-таҳқиқотии Бобоҷон Ғафуров бошад, ҳоло номзади илмҳои таърих Шавкат Шарипов ба Федератсияи Русия сафарбар шудааст. Номбурда то имрӯз 90 аксу ҳуҷҷатҳои нодирро оид ба ҳаёту фаъолият ва корномаҳои Ғафуров пайдо кардааст.

Бино ба иттилои Ҳошимзода осорхона то таҷлили ҷашни 115-солагии Бобоҷон Ғафуров ба истифода дода мешавад. Ҳамчунин, дар саҳни осорхона пайкараи барқади Бобоҷон Ғафуров қомат афрохтааст, ки баъди азнавсозӣ рӯнамоӣ хоҳад шуд. Ба ҷуз ин дар саҳни осорхона назди пайкараи Бобоҷон Ғафуров аз ду тараф китоби "Тоҷикон" гузошта мешавад. Ҳавлии осорхона бошад, бо гулгашту фаввораҳои замонавӣ ороиш меёбад. Ҳудуди 5 гектар замини осорхона пурра панҷарабандӣ мешавад.

Фарзона ШАМСИЕВА

ЛАҲҶАИ ТОҶИКОНИ БӮСТОНЛИҚ

Нашри китоби муҳаққиқ Қумрӣ Тоҳирова



Номи Қумрӣ Тоҳирова барои забоншиносии тоҷик бо китоби дарсии "Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (1967) ва рисолаи "Таджикские говоры Бостандыкского района Узбекской ССР" (1959) хуб ошност.

Қумрӣ Тоҳирова зодаи Хуҷанд аст (1922). Дастпарвари Институти педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров буда, солҳои ҷанги ватанӣ аввалан дар мактаби миёна ба кор оғоз карда, сипас ба сифати аспиранти Институти забон ва тафаккури ба номи академик Марри Маскав ба таҳсил пардохта ва баъди хатми он фаъолияташро чун муаллим, сармуаллим, дотсент, мудири кафедра ва ноиби ректори Институти педагогӣ давом додааст. Ҳамзамон директори Донишкадаи занонаи омода кардани муаллимони Ленинобод низ будааст. Ҳамагӣ 73 сол умр дида ва диққати иддае аз ҷавононро дар Хуҷанд ба самти таҳқиқи илмӣ кашида ва дар тарбияву парвариши як насли муҳаққиқони арсаи суханшиносӣ дар Хуҷанд саҳми арзанда гузоштаааст.

Қумрӣ Тоҳирова аз муҳаққиқони мумтози лаҳҷаҳои тоҷикии ноҳияи Бӯстонлиқи кишвари Ӯзбекистон мебошад. Рисолааш оид ба ин шеваи забони тоҷикӣ дар зери таҳрири забоншиноси маъруф Л. В. Успенская ба нашр расидааст. Ба ин хотир, аввал аз ҳама, дар ибтидои соли 1952 ба қаламрави тоҷикони Бӯстонлиқи кишвари Ӯзбекистон рафта ва он ҷо зиста ва аз сокинони донандаи асрори сухани халқ дар Бричмулло, Боғистон, Нанай, Узун, Пскем ва ғайра маводи шоиставу арзишмандди лаҳҷаҳои тоҷикиро ҷамъ кардааст. Теъдоди мавод 1300 ҷумла ва 10 матни лаҳҷаҳои ин қаламравро дар бар мегирад. Дар охири китоби мазкур намунаҳои матн, нутқи гуфтугӯӣ, афсонаву ҳикояҳо ва луғати шеваи мазкур низ фароҳам омадаанд.

Рисолаи "Лаҳҷаҳои тоҷикии ноҳияи Бостонлиқи РСС Ӯзбекистон" бо назардошти талаботи таҳқиқии замони худ аз арзишҳои фаровон бархӯрдор аст ва мисли иддае дигар аз пажуҳишҳои пурбори лаҳҷашиносии он даврон сазовори омӯзиш барои насли имрӯз аст. Бинобар ин, бо ташаббуси аҳли кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ин асар ба гиромидошти 100-солагии муаллиф бо ду пешгуфтор аз профессор Абдуҷамол Ҳасанзода ва дотсент Мӯсо Олимҷонов бознашр гардид, ки падидаи хубу шоистаи илмист.

Дар маҷмуъ, китоб хеле ҷолиб аст ва метавон онро аз намунаҳои шоистаи таҳқиқи лаҳҷашиносӣ дар забоншиносии тоҷик муаррифӣ кард...

Ба назарам чанде дигар аз пажуҳишҳои лаҳҷашиносии тоҷикии он солҳоро ҳам бояд ба нашр омода кард, ки як амали арзишмандест. Аз ҷумла, ҳоло фурсате фаро расида, ки панҷ ҷилди асари ҷомеъи донишманди закӣ Вера Расторгуева оид ба диалектологияи тоҷик дастраси имрӯзиён гардад. Кайҳост ин гуна асарҳо ба китобҳои нодир табдил ёфтаанд...

Субҳони АЪЗАМЗОД,
адабиётшинос

Мавлудномa

• 2 НОЯБР •

Амрияздон Алимардонов (1938-2010), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Кузма Кулагин (1898-1979), 125-солагии зодрӯзи файласуф.

Иес Асмуссен (1928), 95-солагии зодрӯзи шарқшиноси даниягӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

• 3 НОЯБР •

Сарвар Амирҷон (1938-1986), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Муҳиддин Хоҷазод (1938), 85-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, Арбоби ҳунари ҷумҳурӣ.

• 4 НОЯБР •

Тоҷинисо Ғафурова (1918-2007), 105-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Сафаралӣ Қурбоншоев (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Баён Раҳимов (1928-2014), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, профессор.

Машкура Садирова (1958), 65-солагии зодрӯзи журналист.

• 5 НОЯБР •

Николай Лукянов (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Акбар Муҳаммадов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Зулфиқор Назриев (1948-1998), 75-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

• 6 НОЯБР •

Нуруллои Абдулло (1948), 75-солагии зодрӯзи актёри театру кино, драматург, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Низорамоҳ Зарифова (1923), 100-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Комил Ҷумъаев (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 7 НОЯБР •

Муслима Боқиева (1933-2016), 90-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Солеҳ Ғуломов (1913-1977), 110-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Ҷунайдулло Исматов (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми георафия, профессор.

Нуралӣ Раҳимов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Ҷон Саидмуродов (1933-2003), 90-солагии зодрӯзи киноактёр.

Юсуф Толибов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Роза Ҳамдамова (1928-2005), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Абдулазиз Ҳоҷибоев (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

Абдураҳмон Ҳусайнов (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

• 8 АПРЕЛ •

Валентина Сармина (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Евгения Стрелникова (1928), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

...

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми ҷиҳоз ва шароиташ, дарову зиндагӣ кун, ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

НИЁЗ ДОРЕМ

► Филиали "Маркази барқу гармдиҳии-1" ҶСК "Барқи Тоҷик" ба коргоҳи шабакаҳои гармидиҳӣ ва иншооти зеризаминӣ ба вазифаҳои зерин ба кор даъват менамояд. Устои калон оид ба таъмири тачҳизоти барқӣ. Челонгари навбатдор оид ба танзимгарии тачҳизоти барқии ш/г дараҷаи 6. Челонгари навбатдор оид ба танзимгарии тачҳизоти барқии ш/г дараҷаи 5. Челонгари барқӣ оид ба таъмири тачҳизоти барқӣ. Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров 39. Телефонҳо барои тамос: 2-22-25-33, 2-26-18-35

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ ва шаҳодатномаи бақайдгирӣ, №12079 аз 18-уми ноябри соли 1988 ба номи Ахмедов Абдулло, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Қ. Раҳимов 38, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунии (кассовый аппарат) Миника 1102Ф, №1023400, ба номи ҶДММ "Перфект Трэвел", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳҳои ҳисоббаробаркунии Миника 1105Ф, №2002894 ва №2003376, ба номи ҶДММ "Перфект Трэвел", аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дастгоҳҳои ҳисоббаробаркунии (кассовые аппараты) Миника 1105Ф, №2004449, №2014539 ва 2018654, ба номи ҶДММ "Перфект Трэвел", аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯш бо реестри №8Д-4572 аз 26.08.1998 ба номи Силина Елена Алексеевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов 55/3, ҳ. 22, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, №15574, аз 2-юми августи соли 2019 ба номи Сайвализода Фирдавс Қурбонали, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳамадиев, хонаи 8, ҳуҷраи 41, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Нурматов Маманазар, РМА: 126169824, ки дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №13.0320138 ба номи Наҷмидинов Аҳмадшо Шодиевич, ки соли 2016 аз МТМУ-и №132-и ш. Ваҳдат дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Сафаров Таварали, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Гулистон, деҳаи Мавлавӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Азизов Абдураҳим Шамсуллоевич, РЯМ: 1230023126, РМА: 125221715, ки аз 29.04.2010 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1Ш-3338 аз санаи 28.08.2012 ба номи Назаров Шараф Мирзоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи 40-солагии Тоҷикистон, хонаи 133, ҳ. 3, ки дар Нотариуси калони давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ бо реестри №25426 ба номи Назаров Шараф Мирзоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 105/4, ҳ. 39, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос тибқи васиятнома бо реестри №7Н-125, аз санаи 10.04.2009, парвандаи меросӣ №446/2009, ба номи Абдуҷалилов Темур Қаюмович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 105/4, ҳ. 39, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Розиқова Олуфтамо Сатторовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 13/5, ҳ. 8, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси ҶДММ "Ширкати техникаи махсуси ТАЛКО-КРАНТАС", РЯМ: 0710010052, РМА: 070016984, ки аз санаи 19.07.2018 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Гулонов Муҳсинҷон Ғуломшоевич, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами Д-2461, ки аз 16.05.1980 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода ба номи Маҷидов Сафар Каримович бо суроғаи ш. Турсунзода, кӯчаи Водохозная, хонаи 14 ба расмият дароварда шудаанд, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0523998 ба номи Садиров Тоҳир Мирзоалиевич, ки 4-уми июли соли 2018 аз ҷониби МТМУ №59-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Қарори Комитети иҷроияи совети депутатҳои халқии ноҳияи Фрунзе №704 аз 10.07.1992, шиносномаи техникӣ ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №78682 аз 9-уми декабри соли 2022 ба номи Саидов Раҷаб, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лучоб, хонаи 118, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Дипломи ҶТ №0170212, қайд №46 ба номи Фатҳулозода Эҳсон Хуршед, соли 2023, ки аз ҷониби Коллеҷи махсусгардонидашудаи таълимии ш. Бохтар дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Собиров Сухроб Рустамович, РЯМ: 0330183893, РМА: 155031685, ки 24.07.2012 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи литери хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-742 аз 06.06.2013, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Низомова Ҷамила Холмаҳмадовна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Володарский, хонаи 5/15 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти рақами 8Д-2-649, ки аз 15.10.1992 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Комилов Валиҷон Ғуломович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ломоносов, хонаи 139, квартираи 21 ба расмият дароварда шудаанд, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи шартномавии хизмати давлатӣ аз санаи 01.09 2022 ба номи Сатторов Навруз Холмуминович бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами Д-103 аз 21.06.1971, ки дар Идораи нотариалии давлатии 2-юми шаҳри Душанбе ба номи Мамуров Абдулхайр Маҳмануровичбо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Есенин, хонаи 75/1 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ризоев Саидакбар Саидатоевич, РЯМ: 3330085303, ки аз 09.07.2021 ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.


► Созишнома дар бораи ба моликият супоридани квартира таҳти феҳристи №1/5н/2022-6-9797 аз 21-уми сентябри соли 2022, байни ҶДММ "Сарманзил" ва Баҳромзода Азиз Фаттоҳ, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 46/1, блоки Ж, хонаи 107, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад. Тел.: 55-666-49-58

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Шаимов Ваҳоб Абдумачитович, РЯМ: 0730013653, РМА: 075287999, аз 30.03.2010, ки дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ «Оби Қуллаҳо», №0268410, РЯМ: 0310021865, РМА: 030033720, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Соҳибкори инфиродӣ Тиллоева Фарангис Изатуллоевна, №0469742, РЯМ: 0230093096, РМА: 046142884, фаъолияташро қатъ менамояд.



НАМОИШ-ФУРӮШИ
МАҲСУЛОТИ ХӮРОКА, МОЛҲО БАРОИ ХОНА ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН
2, 3, 4 - УМИ НОЯБР ДАР
КОХИ БОРБАД
ДАРОМАДАН ОЗОД!
ТАМҒАИ ПИСАНДИДАИ ТОҶИКИСТОН 2023
Ташкилкунанда: tayron
Сарпарасти кулл: artel, artel AVESTO Electronics
Шарикони расмӣ: ТАВҲИДБОНК бонки исломии иноватсионӣ, akfa
Шарики лоиҳа: Газпромнефть, СЕТЬ АЗС, TAJIK TIME
Иштирокчиён: artel AVESTO Electronics, Кимъё, ТАВҲИДБОНК, Колин сервис, Ramis, Баракат Дар хонаи шумо, Comfort baby, Сиёма, DORO, akfa, KÄRCHER, G-DRIVE, DC City Dushanbe, SPITAMEN insurance, Шоколатье chocolatier, ANKO, Lacto-G GM PHARMA, Coca-Cola, Слобода, Малочная радость, POKIZA, Ширин Душанбе, POKIZA, Фирдавсӣ расул, Fayzi Rasul, Бехамто, Fayz
БО СИФАТ ВА АРЗОН
Шарикони иттилоотӣ: ТВС, Ховар, Феникс, Vatan Радио, RADIO 94.4 FM HAMSADO, Авторадио, ИМРӮЗ, OILA.TJ, PRESSA.TJ



СКАНВОРД



Кӯчаи якумини Маскав | Am - унсури кимиёвӣ | Айвон, шипанг.
Ҳайкал, муҷассама | Падруд, хайру-хуш | Аз ин ... аз он монда | In - унсури кимиёвӣ
Давлат дар Африқо | ... –Ланка | Пурра, комил. | ... -Франсиско, шаҳр дар Калифорния | Ҳолат
Ларзиш, ҷунбиш | Ҳавои софу беғубор | Собиқ пойтахти Олмон | Саб-за. | Масти ... | Шаҳр дар дарёи Енисей.
Олуфтаи гузаро | Ҳаким. | Қаҳрамони латифаҳо. | Навъи либос | Кассиус Клей
Муассисаи молиявӣ | Гиёҳи бисёрсолаи ботлоқӣ | Комиссар ... аз "Ҳаштпо"
Хавф, бим, ваҳм | Аксгиранда. | ... Мартан, шаҳр дар Чеченистон. | Нашриёти "Шарқи ...". | Ромит, Варзоб, Камароб | Зодгоҳи К. Маркс. | Аломат, асар | Аморати Муттаҳидаи Араб (мухт.) | Ёдгории меъморӣ дар Фаронса
Ҷои табобату истироҳат дар вақти рухсатӣ | Ҳарфи ҳаштуми арабӣ. | Навъи шим. | Ҳайвони ширхӯри дарранда.
Ҷазира дар Океания | Дарахти мевагӣ, доруи дил | Микки ... , ҳунарманди Ҳолливуд
Асар | Зарраи заряднок. | Муқобили нарав
Намуди варзиш | Шохоби чапи дарёи Мурей

Навбат

Дар назди утоқи кории духтури занона навбат хеле калон аст. Зане давида омада, ба нафарони дар навбат истода мегӯяд:

- Ман танҳо як чизро пурсида мебароям!

Нафарони дар навбат буда хитоб мекунанд:

- Хайр чӣ? Мо ҳам фақат як чизро нишон медиҳему мебароем!

Санг

Марде ҳамроҳи писараш ба сари қабри хушдоманаш мераванд. Писарак мепурсад:

- Дада, барои чӣ дар қабри бибиям ин қадар санги калон гузошта шудааст?

Падар дар ҷавоб:

- Барои он ки ба берун баромада натавонад, бачем.

Забон

Зане назди духтур барои муоина меравад. Духтур мегӯяд:

- Дил, шуш, гурда ва меъдаи шумо солим аст. Ҳоло бигзоред ҷоеро муоина кунам, ки фитна ба олам зада ва дунёро ба оташ кашонидааст.

Зан ҳамин ки домани худро боло мекард, духтур гуфт:

- Чӣ кор мекунед? Ман забонатонро дар назар дорам.



Умедворӣ

Омӯзгор ба донишҷӯён мегӯяд:

- Умедворам, ки дар имтиҳони имрӯза рӯбардор кардани шуморо намебинам.

Донишҷӯён дар ҷавоб:

- Мо ҳам умедворем, устод.

Ваъда

Дар толори суд аз ҷинояткор мепурсанд:

- Медонед, ки барои додани нишондодҳои бардурӯғ шуморо чӣ интизор аст?

Ҷинояткор мегӯяд:

- Бале, BMW ваъда кардаанд...

Нафақа

Марде аз рафиқонаш мепурсад:

- Шумо ба ман фаҳмонед, ки барои чӣ духтури ҷарроҳ бояд дар синни 65 ба нафақ барояду корманди БДА дар 43-солагӣ?

Рафиқонаш мегӯянд:

- Барои он ки баъди 43-солагӣ корманди БДА дар мошин намеғунҷад.

Пурсиш

Духтаре аз дугонааш мепурсад:

- Гуландом, тасаввур намо, ки ду мард дар об ғарқ мешаванд. Якеашро ту дӯст медориву дигараш туро дӯст медорад. Кадомашро наҷот медиҳӣ?

Гуландом дар ҷавоб:

- Чӣ, онҳо девонаанд, ки якҷоя даруни об даромадаанд?

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Сканворд





Ҳалола

Марде дар ҳолати рашку ғазаб занашро ба бероҳагӣ муттаҳам карда, талоқ дод. Баъди чанде, вақте ақлаш бар ғазабаш ғолиб омад, пушаймон шуд. Чорае барои оварданаш ҷуст, аммо наёфт. Рӯзе назди Мундонӣ омад ва илтимоскунон, гуфт:

- Сари ҷаҳл занамро талоқ додаму алъон пушаймонам. Илтимос, ягон ривояте ёбу ӯро баргардон.

-Ривоят ҳаст, албатта, -гуфт Мундонӣ.- Аммо занат ба он розӣ мешуда бошад?

-Албатта, розӣ мешавад, чунки ӯ дар ҳоли асабонӣ будани маро дарк карда буд.

-Пас, ҳалола мефармоем, ҳалола, -гуфт Мундонӣ.

-Ҳалолааш чӣ аст? -пурсид мард?

-Ҳалолааш ҳамин ки занатро як шаб ба никоҳи марди дигар медарорем, -гуфт Мундонӣ ва илова кард, субҳ ӯ талоқ медиҳад ва ту мегирӣ.

-Роҳи дигаре нест?

-Не.

...Рӯзи дигар мард ҳамроҳи занаш назди Мундонӣ омад. Мундонӣ ба зан шартҳои ҳалоларо фаҳмонда, -Туро як шаб бо дигаре никоҳ мекунем, -гуфт. -Баъди як шаби ҳамхобагӣ субҳ ӯ туро талоқ медиҳад ва мо аз нав бо шавҳарат никоҳ мекунем, ту ба ин розӣ?

-Эҳ муллоҷон, -гуфт зан. -Шарт нест маро боз ба никоҳи касе даровардану ҳалола фармудан. Бе ҳалола никоҳи моро хондан гиред.

-Чӣ хел? –бо ҳайронӣ пурсид Мундонӣ.

- Зеро ман ин мушкили шуморо осон кардам, -гуфт зан бо табассум. -Барои ҳамин, пешакӣ ин маросимро гузаронида, баъд назди Шумо омадам.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА